# Муваффақияти мусофир

## Муқаддима

Дар давоми ҳукмронии Яъқуби II –юми Инглистон, воизи машҳури протестант Ҷон Банян ( 1628-1688) барои он ҳабс карда шуд, ки “маҷлисҳои ғайриқонунӣ гузаронда, ба хизматгузории миллии калисои Инглистон итоат намекард”. Азбаски вай итоат накард, вайро соли 1660 ба зиндони Бедфорд андохтанд , ки дар он ҷо вай дувоздаҳ сол монд.

Аз азият барои имони худ хушҳол буда, вай вақти худро дар омӯзиши Каломи Худо мегузаронд, ки он бо ҷалоли боз ҳам бузургтар ба дурахшидан сар кард. Фироқ бо зан ва кӯдаконаш барои вай “мисли гӯштро аз устухон ҷудо кардан” буд, ва хабари он ки онҳо душворӣ мекашанд, “қариб дили ӯро реш-реш кард”. Бо вуҷуди ин, вай қарор дод, ки ”бо ҳамаи онҳо ба Худо таваккал намояд”. Вақте вай дар ҷое ки онро “чоҳи шерон” номида буд, вақт мегузаронд , ҷамоати худро, ки фарзандонаш дар Худованд буданд, пазмон мешуд . Бо умеди тақвият додани имони онҳо, вай қалами худро гирифт ва ҳангоме ки менавишт,

Ногаҳон дар бораи сафар<br>
ва роҳи онҳо ба сӯи ҷалол,<br>
дар зиёда аз бист мавзӯъ<br>
ба суханпардозӣ оғоз намуд .<br>
Инро ман зиёда аз бист бор<br>
дар сари худ кардам;<br>
Ва онҳо боз зиёд мешуданд ,<br>
мисли шарораҳое ,<br>
ки аз лахчаҳои (ахгарҳои)<br>
оташ мепаранд.

Дар натиҷа китоби Комёбии Мусофир пайдо шуд, ки ҳоло чун маҷози аз ҳама машҳури дунё шинохта шудааст. Дар ин китоб ҳикояи қадим чун дастур ва вақтхушӣ ҳам барои ҷавонон ва ҳам барои калонсолон бо суратҳо тасвир шудааст .

**Сурат-саҳ. 6**

**Сурат-саҳ. 7**

**Ман дар хоб мардеро дидам, ки дар тахтапушташ боре буд.**

Вақте ман аз байни биёбони ин дунё мегузаштам, ба маконе расидам, ки дар он манзиле буд. Дар он ҷо ман дароз кашида, ба хоб рафтам; чун хоб рафтам, хобе бидидам.

Ман мардеро дидам, ки либоси ҷанда дошт, рӯяш аз хонааш гардонда шуда буд, дар дасташ Китобе ва дар тахтапушташ бори гарон (Ишаъё 64: 6). Ман ба вай нигариста, дидам, ки ӯ ин Китобро кушода, мехонад; чун мехонд, гиря карда, меларзид. Ба андӯҳи худ тоб наоварда, вай фиғони аламнок баровард: "Чӣ кор кунам?" (Аъмол 2:37).

**Сурат — саҳ. 8**

**Ин мард мусибати худро ба оилааш нақл мекунад.**

Дар ин ҳолат вай ба хона рафта, саъй кард, ки андӯҳашро пинҳон созад**,** ва нахост, ки зан ва кӯдакони вай бадбахтии ӯри бинанд. Аммо вай хомӯш буда наметавонист. Оқибат, вай ба онҳо розӣ дилашро баён кард: "Эй зани азизи ман ва кӯдакони маҳбубам. Ман мусибати калон дорам, зеро бори гарон ба ман фишор мекунад. Ба ман гуфтанд, ки оташе аз Осмон омада, ин шаҳрро , ки мо дар он сокинем, месӯзонад. Агар ҳангоми ин фалокат дар ин ҷо бошем, дар ҳолате ки ягон роҳи гурез наёбем, ҳамаамон нобуд хоҳем шуд".

**Сурат —саҳ. 9**

**Аъзоёни оилаи вай фикр мекунанд, ки Ӯ аз ақл бегона шудааст.**

Зан ва кӯдакони вай ҳайрон ва ҳаросон шуданд, аммо на аз боиси он ки онҳо ба ӯ бовар карданд, балки аз он сабаб ки фикр мекарданд, Ӯ аз ақл бегона шудааст. Азбаски шом шуд, онҳо аз ӯ хоҳиш намуданд, ки ба хоб равад, ва умед доштанд, ки хоби нағз ӯро ба худ хоҳад овард.

**Сурат —саҳ. 10**

**Вай чунон беқарор аст, ки хоб рафта наметавонад.**

Шаб мисли рӯз пурташвиш буд. Вай чунон беқарор буд, ки хоб рафта натавонист, ва тамоми шабро дар оҳу воҳ ва ашк гузаронд.

**Сурат —саҳ. 11**

**“ Ту худатро ин саҳар чӣ тавр ҳис менамоӣ?”**

Саҳарӣ, вақте ки зан ва кӯдакони вай даромада, ӯро аҳволпурсӣ намуданд, вай ҷавоб дод: “Бад ва хеле бад”. Сипас, вай аз сари нав дар бораи тарси рӯзи гузашта сухан ронд, аммо онҳо гӯш кардан нахостанд.

**Сурат —саҳ. 12**

**Онҳо бо вай дағалона рафтор мекунанд.**

Онҳо ӯро масхара ва мазаммат намуданд. Баъзе вақт онҳо ӯро комилан писанд накарданд.

**Сурат —саҳ. 13**

**Вай ба хонаи хоби худ рафта, барои онҳо дуо мекунад.**

Ин муносибати бераҳмонаро муддате тоқат карда, вай ба хонаи худ баргашт. Барои бахти сиёҳи худ навҳа намуда

ва аз рафтори оилаи худ андӯҳгин шуда, вай ба Худо дуо кард, то бар онҳо марҳамат намояд.

**Сурат —саҳ. 14**

**Бениҳоят сиёҳбахт буда, вай дар саҳроҳо қадам мезанад.**

Дар давоми якчанд рӯз вай дар саҳроҳо қадам мезад, баъзан Китобашро мехонд, баъзан дуо кард, аммо ҳамеша бениҳоят бадбахт буд. Чун мехонд, бо овози баланд фарёд мекард: “ Ман чӣ бояд кунам, то наҷот ёбам? ” Вай ба ин ва он сӯй менагирист, гӯё ки давидан мехост; бо вуҷуди ин вай ором меистод, чунки вай қарор карда наметавонист, ки ба кадом сӯй равад.

**Сурат —саҳ. 15**

**Ӯ бо Башоратдиҳанда вомехӯрад.**

Ман Башоратдиҳанда ном шахсеро дидам, ки назди вай омада, аз вай пурсид: “Чаро ту дод мезанӣ?”

Вай ҷавоб дод: “Ҷаноб, ман дар ин китоб хондам, ки бояд бимирам ва пас аз марг ба доварӣ оям. Ман мурдан намехоҳам ва ҷуръат надорам, ки бо доварӣ рӯ ба рӯ шавам”.

“Азбаски ҳаёт пур аз мусибат аст, чаро ту мурдан намехоҳӣ?”, – пурсид Башоратдиҳанда.

“Чунки ман метарсам, ки бори тахтапуштам маро поёнтар аз гӯр фуруд меоварад ва ман ба дӯзах хоҳам афтод”.

**Сурат —саҳ. 16**

**Башоратдиҳанда ба вай дастнависе медиҳад.**

“Агар ту дар ин гуна мусибат бошӣ, чаро дар ин ҷо меистӣ? – пурсид Башоратдиҳанда. “Зеро ман намедонам ба куҷо равам”.

Сипас Башоратдиҳанда ба вай дастнависи пергамент дод, ки дар он чунин калимаҳо буданд: “Аз ғазаби оянда бигрезед”( Матто 3:7). Вақте вай ин калимаҳоро дид, ба сӯи Башоратдиҳанда рӯ оварда, пурсид: “Ба куҷо гурезам?”

**Сурат —саҳ. 17**

**Башоратдиҳанда ба дарвозаи танг ишорат мекунад.**

Башоратдиҳанда дасташро дароз карда ба он тарафи ҳамворӣ ишора мекунад ва мегӯяд: “Оё ту он дарвозаи тангро мебинӣ?”

“Не”, - ҷавоб дод вай.

“Оё ту он рӯшноиро мебинӣ?”

“Ба назарам менамояд, ки рӯшноиеро мебинам”,– ҷавоб дод вай.

Баъд Башоратдиҳанда гуфт: “Ба он рӯшноӣ диққататро ҷалб карда, рост ба он рав, ва дарвозаеро хоҳӣ ёфт. Чун ба дарвоза тақ-тақ намоӣ , ба ту хоҳанд гуфт, ки чӣ кор кунӣ”.

**Сурат —саҳ. 18**

**Мард хонаашро тарк менамояд, то он дарвозаи тангро пайдо кунад.**

Дар хоби худ ман дидам, ки мард ба суханони Башоратдиҳанда итоат намуда, ба давидан шурӯъ кард. Пеш аз он ки вай аз хона дур шавад, зан ва фарзандонаш аз пасаш фарёд мекарданд, ки баргардад. Лекин мард ангуштҳояшро дар гӯшҳояш андохта, давида нидо мекард“ Ҳаёт! Ҳаёт! Ҳаёти ҷовидонӣ! Вай ба ақиб нигоҳ накард, балки аз шаҳр гурехта сӯи миёнаи ҳамворӣ равона шуд.

**Сурат —саҳ. 19**

**Ҳамсоягонаш ба вай нигариста, вайро чеғ мезананд.**

Ҳамсоягонаш низ баромаданд, то ӯро бубинанд; ва чун вай медавид, баъзеҳо ба ҳолаш механдиданд, дигарон саъй мекарданд вайро битарсонанд, ва дигарон ҳанӯз фарёд мекарданд, ки вай баргардад. Дар миёни онҳо ду кас буданд, ки қарор доданд, то ӯро зӯран баргардонанд. Номи яке Якрав; номи дигараш Гапдаро.

**Сурат —саҳ. 20**

**Гапдаро ва Якрав аз пайи вай давиданд.**

**Сурат —саҳ. 21**

**Онҳо вайро ба баргаштан водор мекунанд.**

Масеҳӣ, чунки ин номи он мард буд, аз онҳо пурсид: “Ҳамсоягони нағз, чаро шумо аз пайи ман омадед?”

“Мо омадем, то туро моил созем, ки бо мо баргардӣ”.

“Ҳаргиз чунин наметавон буд”,– ҷавоб дод вай. “Шумо дар шаҳри ҳалокат зиндагӣ мекунед, ва ман медонам, ки ин шаҳр бо оташ нобуд хоҳад шуд. Агар шумо дар он бимонед, бо он нобуд хоҳед шуд. Ҳамсоягони хуби ман, биёед бо ман равед”.

“Ва дӯстону ҳузуру ҳаловатамонро тарк намоем?”,– гуфт Якрав.

“Ҳа”,– ҷавоб дод Масеҳӣ, “ин айнан ҳамон амалест, ки ман аз шумо хоҳиш мекунам, то онро ба ҷо оваред. Дӯстон ва хушиҳое ки шумо дар бораашон ҳарф мезанед, бо он шодмоние ки ман ҷустуҷӯ мекунам, баробар шуда наметавонад. Ва агар шумо бо ман рафта, устувор истед, ҳар он чи ман қабул мекунам, шумо низ қабул хоҳед кард.

**Сурат —саҳ. 22**

**“ Ту чиҳоро меҷӯӣ?”**

Якрав пурсид: “Ту чиҳоро меҷӯӣ, ки ба хотири ёфтани онҳо тамоми ин дунёро тарк кардан мехоҳӣ?”

“Ман мероси бефано, пок ва пажмурданашавандаро меҷӯям”,– гуфт Масеҳӣ (I Петрус 1:4). –“Он дар Осмон маҳфуз аст, ва ҳар шахсе ки онро бо ҷидду ҷаҳд меҷӯяд, онро хоҳад гирифт. Ин китобро хон ва хоҳӣ фаҳмид”.

“ Туф!”– гуфт Якрав. “Дафъ шав бо Китобат!
Оё ту бо мо бармегардӣ ё не?”

“Не”,– ҷавоб дод Масеҳӣ. “Ман аллакай дастамро ба сипор гузоштаам, ва нахоҳам баргашт”.

**Сурат —саҳ. 23**

**Якрав Масеҳиро дар девонагӣ айбдор мекунад.**

**“**Биё , ҳамсоя Гапдаро”,– даъват намуд Якрав, “ба хона бе вай меравем. Ин шахси девона суханони беҳуда хеле

зиёд дорад. Вай фикр мекунад, ки доно аст, ва касе ҳамтояш нест”.

Аммо Гапдаро ҷавоб дод: “Вайро ба ришханд нагир. Масеҳӣ шахси хуб аст . Агар суханони вай рост бошад, ман фикр мекунам, ки бо вай хоҳам рафт”.

“Чӣ! Оё боз як аҳмақи дигар зиёд шуд?”,– бо нафрат хитоб кард Якрав. “Беҳтар мебуд, ки ту бо ман мерафтӣ. Кӣ медонад, ки ин девона туро ба куҷо мебарад? Баргард! Аҳмақ нашав!”

## Сурат —саҳ. 24

**Масеҳӣ хоҳиш мекунад, аммо Якрав гӯш карданро рад менамояд.**

Масеҳӣ аз Якрав хоҳиш менамояд: “Вайро аз роҳ барнагардон! Ҳар дуи шумо якҷоя бо ман оед . Агар ба ман бовар накунӣ , он гоҳ фақат навиштаи ин Китобро хон . Ҳар сухан рост аст. Нависандаи ин Китоб барои нишонае хуни Худро рехт”.

Сипас, Гапдаро ба Якрав гуфт: “Дӯстам, ман фикр мекунам, ки якҷоя бо ин шахси нағз равам ва бо вай ба азобу уқубат тоб оварам”. Ба Масеҳӣ рӯ оварда, гуфт: “Дӯстам, оё ту роҳро сӯи маконе ки меҷӯӣ, медонӣ?”

“Башоратдиҳанда ба ман нишон дод, ки дар он тарафи ин ҳамворӣ дарвозае танг вуҷуд дорад”,– ҷавоб дод Масеҳӣ. –“Вақте ки мо ба он ҷо расем, шахсе ба мо хоҳад гуфт, ки бо кадом роҳ раҳсипор шавем”.

“Хуб !– гуфт Гапдаро. “Биё ҳар ду равона шавем”.

## Сурат —саҳ. 25

**Якрав ба хона бармегардад.**

“Ман ҳаргиз шарики чунин шахсони девона ва нодон нахоҳам шуд”,– гуфт Якрав. “Ман ба хона меравам”.

Ман дар хобам дидам, ки Масеҳӣ ва Гапдаро оҳиста-оҳиста аз ҳамворӣ гузашта, бо ҳам сӯҳбат менамуданд.

Масеҳӣ: Ёрам Гапдаро, ман хеле шодам, ки ту ба ман гӯш дода, якҷоя бо ман омадӣ. Агар Якрав мисли ман он

қудрату даҳшати ояндаро медид, вай ба ин осонӣ гашта намерафт.

Гапдаро: Ёри азизам Масеҳӣ, акнун ки ману ту танҳо ҳастем, ба ман дар бораи он маконе ки ба он рафта истодаем, бештар нақл кун. Дар он ҷо кадом намуди хурсандӣ ҳаст ва чӣ тавр мо аз онҳо лаззат мебарем?

Масеҳӣ : Инро ман бо дилам беҳтар эҳсос менамоям, назар ба он ки бо лабонам фаҳмонда диҳам. Лекин, азбаски ту хоҳиши фаҳмидан дорӣ, ман ба ту аз Китоб чанд сухане хоҳам хонд.

**Сурат —саҳ. 26**

**Ду шахс якҷоя қадам мегузоранд.**

Гапдаро: Оё ба фикри ту суханони ин Китоб ҳақ мебошанд?

Масеҳӣ: Албатта, чунки онҳо аз ҷониби Шахсе навишта шудаанд, ки дурӯғ гуфта наметавонад .

Гапдаро: Ба ман нақл кун, ки он чӣ мегӯяд?

Масеҳӣ: Подшоҳии ҷовидоне вуҷуд дорад, ки ба он марг ворид шуда наметавонад ва дар он мо то абад хоҳем зист.

Гапдаро: Ва боз чӣ?

Масеҳӣ: Ба мо тоҷҳои ҷалол ва либосҳое дода хоҳанд шуд, ки моро мисли офтоб дурахшон мекунанд.

Гапдаро: Ин олиҷаноб аст! Ва боз чӣ?

Масеҳӣ: Дар он ҷо дигар андӯҳ ва фиғон нест. Худованди он макон ҳар ашкро аз чашмони мо пок хоҳад кард ( Ибриён 21:4).

Гапдаро: Шариконии мо киҳо хоҳанд буд?

Масеҳӣ: Махлуқоти осмонӣ, ки дурахши онҳо чашмони моро хоҳад бурд. Ҳамчунин ҳазорон ҳазор каси дигар, ки пеш аз мо фавтида буданд. Ҳар кас дар он ҷо дили пок дошта, меҳрубон ва муқаддас аст.

**Сурат —саҳ. 27**

**Сӯҳбаткунон онҳо ба Ботлоқи Рӯҳафтодагӣ омаданд.**

Масеҳӣ: Бисёри муқаддасон дар он подшоҳӣ ба хотири муҳаббат ва итоати худ ба Худованд аз дастони ин ҷаҳон уқубат кашидаанд. Баъзеяшонро пора намуданд, баъзеяшонро дар оташ сӯзонданд, баъзеяшонро ғарқ кунонданд, дигаронро бошад ҳайвонҳои ваҳшӣ хӯрданд. Аммо акнун, онҳо чун либос намирандагиро пӯшидаанд .

Гапдаро: Он чи ту мегӯӣ, маро ба ҳаяҷон меоварад, ва чӣ тавр метавон аз ин гуна чизҳо лаззат бурд? Чӣ тавр мо онҳоро аз сар хоҳем гузаронд?

Масеҳӣ: Худованд дар Китоб навиштааст, ки агар мо аз Ӯ хоҳиш намоем, Ӯ онҳоро ба мо фаровон ато хоҳад кард.

Гапдаро: Ман аз шунидани ҳамаи ин шодам. Биё, шитоб намоем, то ба он ҷо рафта расем.

Масеҳӣ: Ман аз сабаби боре, ки дар пушт дорам, чандон тез рафта наметавонам.

Баъд дар хобам дидам, ки онҳо ба Ботлоқи Рӯҳафтодагӣ, яъне ботлоқи пурлойи дар миёни ҳамворӣ воқеъбуда наздик шуданд.

**Сурат —саҳ. 28**
**Онҳо ба ботлоқ меафтанд.**

Саргарми сӯҳбат шуда ва ба роҳ аҳамият надода, ҳар дуи онҳо ногаҳон ба ботлоқ афтиданд. Дар ин ботлоқ онҳо гирдогирд бо душворӣ ҳаракат менамуданд, то даме ки либосҳояшон пури лой шуд. Азбаски Масеҳӣ дар пушташ бор дошт, ғарқ шудан гирифт.

“Чӣ тавр мо ба ин мусибат дучор шудем?”– пурсид Гапдаро.

Масеҳӣ ҷавоб дод: “Дар ҳақиқат, ман намедонам”.

Хафа шуда, Гапдаро хашмгинона гуфт: “Оё ин аст ҳамон хушбахтӣ, ки ту дар борааш ҳарф зада будӣ?”

**Сурат —саҳ. 29**

**Гапдаро дар хашм ба хона бармегардад.**

Гапдаро: Агар мо чунин як ибтидои бад дошта бошем, кӣ медонад, ки пеш аз анҷоми сафар мо бо кадом хатарҳо рӯ ба рӯ хоҳем шуд? Агар ман аз ин ҷо ҷон ба саломат барам, ту метавонӣ худат танҳо он замини бисёр хубро соҳибӣ намоӣ.

Пас аз ин вай  ба ақиб тоб хӯрд. Вай кӯшиши зиёд намуда, аз ботлоқ ба тарафе зӯр зада баромад, ки онҳо дар он ҷо афтида буданд  ва ба хонаи худ баргашт. Масеҳӣ дигар вайро надид.

**Сурат —саҳ. 30**

**Масеҳӣ баромада наметавонад.**

Дар Ботлоқи Рӯҳафтодагӣ танҳо монда, Масеҳии бечора зӯр зада, худро ба тарафе кашида гирифт, ки ба дарвозаи танг наздик буд. Аммо вай аз сабаби боре ки дар пушти худ дошт, баромада натавонист, ва аз сари нав ғарқ шудан гирифт. Сипас, ман дар хобам Кӯмак ном шахсеро дидам, ки наздик омад .

**Сурат —саҳ. 31**

**Кӯмак Масеҳиро аз ботлоқ кашида мебарорад.**

“Ту дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ?”,– аз Масеҳӣ пурсид Кӯмак .

Вай ҷавоб дод: “Башоратдиҳанда ном шахсе ба ман дастур дод, ки назди ана он дарвозаи танг равам, то битавонам аз ғазаби оянда раҳоӣ ёбам. Чун дар роҳ будам, ба ин ботлоқ афтидам.

“Пас, чаро ту ба гирду пеши худ нанигаристӣ?”,– пурсид Кӯмак. –“Дар ботлоқ гузаргоҳи аз санг чидашуда вуҷуд дорад, ки ту метавонистӣ ба воситаи он сиҳат-саломат гузарӣ”.

“Барои он ки ба дарвозаи танг зудтар расам, ман шитоб намудам, ва бинобар ин ман наздиктарин роҳро интихоб намудам”,– фаҳмонд Масеҳӣ. –“Ҳамин сабаб шуд, ки ман афтидам”.

Сипас Кӯмак гуфт: “Дастонатро ба ман деҳ. Аз дасти Масеҳӣ гирифта, ӯро кашида гирифт ва бар хоки сахт ҷойгир кард.

**Сурат —саҳ. 32**

**Сарчашмаи Ботлоқи Рӯҳафтодагӣ.**

Назди Кӯмак истода, Масеҳӣ пурсид: “Агар роҳ аз Шаҳри Ҳалокат ба дарвозаи танг аз ин ҷо гузарад, пас чаро ин ботлоқ пур карда нашудааст, то мусофирон битавонанд сиҳат-саломат гузаранд?”

“Ин чуқурии серлойро ба осонӣ наметавон таъмир кард”,– ҷавоб дод Кӯмак. –“Ҳамин ки одам ба гуноҳи худ иқрор мешавад, тамоми партову зиштӣ аз дили вай ба ин ҷо фурӯ мерезанд. Бинобар ин онро Ботлоқи Рӯҳафтодагӣ меноманд. Вақте ки гуноҳкор дарк менамояд, ки гумроҳ шудааст, дар ҷони вай тарсу шубҳа ба вуҷуд меоянд, ки ҳамаи онҳо дар ин ҷо маскан гирифта, онро хоки зишт мегардонанд. Ба ҳар ҳол, ин хости Подшоҳ нест, ки ин ҷой дар ҳолати бад мемонад. Зеро зиёда аз 1900 сол аст, ки коргарон кӯшиш мекунанд, то онро таъмир намоянд.

**Сурат —саҳ. 33**

**Кӯмак ба гузаргоҳи аз санг чидашуда ишорат менамояд.**

Кӯмак ҳамчунин ба Масеҳӣ гуфт: “Аз рӯи фармони подшоҳ аз миёни ботлоқ гузарагоҳи аз санг чидашуда карданд, аммо вақте ки борон борида, лой аз ботлоқ мебарояд, сангҳои ин гузаргоҳ ба зӯр дида мешаванд. Ҳатто агар онҳоро дидан мумкин бошад ҳам, сари одамон бисёр вақт чарх мезанад, ва онҳо пешпо хӯрда ба лой меғалтанд. Бо вуҷуди ин, назди дарвозаи танг хок боз сахт мешавад.

**Сурат —саҳ. 34**

**Гапдарои шубҳадор ба хона мерасад.**

Сипас ман дар хобам дидам, ки Гапдаро аллакай ба хона расид, ва дӯстони вай барои дидани ӯ омаданд. Баъзеҳо гуфтанд, ки бозгашти вай нишонаи ҳикмат аст. Баъзеҳо вайро аҳмақ хонданд, аз он сабаб ки вай бо Масеҳӣ рафта

ҷонашро ба хатар андохт. Дигарон бошад ба буздилии вай хандида мегуфтанд:“Агар ту ба сафар баромада бошӣ, пас чаро барои андак душворӣ аз сафар даст кашидӣ?” Аввал Гапдаро ҳаросон дар миёни онҳо нишаста, метарсид, ки сарашро баланд кунад. Аммо пас аз муддате худбоварӣ ба вай баргашт, ва ӯ ба мазоҳ намудани Масеҳии бечора сар кард.

**Сурат —саҳ. 35**

**Масеҳӣ бо Хирадманди Дунявӣ вомехӯрад.**

Сипас Масеҳӣ ба роҳаш равона шуда, худаш мерафт, то даме аз дур шахсеро дид, ки наздаш аз миёни саҳроҳо меомад. Ин шахс ҷавонмарди хеле босавод буда, Хирадманди Дунявӣ ном дошт, ки дар шаҳри Сиёсати Ҷисмонӣ (Ҳикмати Ҳаёт) зиндагӣ мекард ва он шаҳр хеле бузург ва на чандон дур аз хонаи шахсии Масеҳӣ буд.

**Сурат —саҳ. 36**

**Онҳо сӯҳбатро сар мекунанд.**

Хирадманди Дунявӣ Масеҳии дар зери бори гарон оҳу ҳасрат кашидаистодаро дида, пурсид: “Ту ба куҷо бо ин бори гарон рафта истодаӣ, дӯсти хубам?”

Масеҳӣ: Дар ҳақиқат бо бори гарон! Ба фикри ман дар тамоми ҷаҳон касе нест, ки аз ман дида гаронбортар бошад. Ту аз ман мепурсӣ, ки ба куҷо меравам? Ба назди ана он дарвозаи танг. Ман шунидаам дар он ҷо шахсе зиндагӣ мекунад, ки ба ман чӣ тавр аз борам халос шуданро хоҳад гуфт.

Хирадманди Дунявӣ: Оё ту зан ва фарзандон дорӣ?

Масеҳӣ: Ҳа. Лекин аз боиси ин бори гарон, ки ба ман фишор мекунад, ман наметавонам мисли пештара дар онҳо хурсандӣ дошта бошам, ва ман худро чунон эҳсос менамоям, ки гӯё касе надошта будам.

**Сурат —саҳ. 37**

**Маслиҳати Хирадманди Дунявӣ.**

Хирадманди Дунявӣ: Ман ба ту як маслиҳати хуб додан мехоҳам. Оё ту гӯш кардан мехоҳӣ?

Масеҳӣ: Ман ҳаргиз аз маслиҳати хуб рӯй намегардонам.

Хирадмади Дунявӣ: Пас ба ту маслиҳат медиҳам, ки зуд аз ин бор халос шав. Агар ин тавр накунӣ, ҳаргиз осоиши ҷонӣ пайдо нахоҳӣ кард ва аз баракатҳое ки Худо ба ту додааст, лаззат наметавонӣ бурд.

Масеҳӣ: Айнан ҳамин чизро ман ҷӯё ҳастам – роҳе ки ба воситаи он метавон аз ин бор халос шуд! Аммо ман инро худам карда наметавонам ва дар шаҳри ман каси дигар ҳам нест, ки метавонист ба ман кӯмак расонад. Ман бо ин роҳ меравам, то бифаҳмам, ки дар куҷо аз ин бор халос шуда метавонам.

Хирадманди Дунявӣ: Кӣ ба ту гуфт, ки бо ин роҳ рафта ту аз ин бор халос шуда метавонистӣ?

Масеҳӣ: Шахсе ки Башоратдиҳанда ном дошт.

Хирадманди Дунявӣ: Уф! Ин бадтарин маслиҳатест, ки ба ту дода шуд. Дар тамоми дунё аз ин дида, роҳи пурхатар нест! Ҳоло ту метавонӣ ба ман бовар накунӣ, аммо баъдтар ту инро хоҳӣ фаҳмид.

**Сурат —саҳ. 38**

**Хирадманди Дунявии бадкор Масеҳиро фиреб мекунад.**

Хирадманди Дунявӣ: Ман мебинам, ки ту аллакай ба мусибат дучор шудаӣ. Либосҳоят бо лойи Ботлоқи Рӯҳафтодагӣ олуда шудаанд ва ту ҳанӯз ҳам бо ин роҳ меравӣ. Ин танҳо аввали мусибатҳои ту мебошад. Ба ман гӯш кун, зеро синну соли ман аз ту калонтар аст. Дар ин роҳ ту бо хастагӣ, дард, гуруснагӣ, хунукӣ, шамшер, ҳайвоноти ваҳшӣ, торикӣ, ва марг хоҳӣ вохӯрд. Чаро ба як шахси бегона гӯш карда, ҳаётатро беҳуда сарф менамоӣ?

**Сурат —саҳ. 39**

**Масеҳӣ қариб розӣ мешавад.**

Хирадмади Масеҳӣ: Дар аввал чӣ тавр ту бо он бори гарон омадӣ?

Масеҳӣ: Ба воситаи хондани ҳамин Китобе, ки дар даст дорам.

Хирадманди Дунявӣ: Ман ҳам чунин фикр кардам. Шахсони суст мисли ту, ки ба корҳои аз дараҷаи фаҳмишашон болотар дахолат мекунанд, парешон мешаванд. Онҳо чунон шубҳа ва тарси зиёд доранд, ки ба ҳар гуна моҷароҳо дучор мегарданд, ва ҳатто намедонанд, ки оқибат чӣ рӯй медиҳад.

Масеҳӣ: Лекин ман медонам, ки чӣ мехоҳам. Ман мехоҳам аз бори худ халос шавам.

Хирадманди Дунявӣ: Аммо роҳе ки ту интихоб намудаӣ, хеле хатарнок аст. Агар ту мехоҳӣ осуда бошӣ, пас чаро ту ба ин ҷо омадӣ? Агар ту ба ман босаброна гӯш диҳӣ, ман ба ту на танҳо мегӯям, ки чӣ тавр чизи ҷустуҷӯшавандаро пайдо намоӣ, балки ҳамчунин мегӯям, ки чӣ тавр аз бори худ халос шавӣ. Суханони ман на танҳо туро аз бало наҷот медиҳад, балки ба ту осоиш, хушбахтӣ ва қаноатмандӣ меоварад.

**Сурат —саҳ. 40**

**Масеҳӣ фиреб хӯрда, ба Хирадмандӣ Дунявӣ бовар мекунад.**

Масеҳӣ: Ҷаноб, ман хоҳиш дорам, ки ин сирро ба ман кушоед.

Хирадманди Дунявӣ: Ана, акнун беҳтар аст. Дар ана он деҳаи Ахлоқ шахси хеле бомаърифат ҳаст, ки Қонуният ном дорад. Вай хеле боақл, хеле бодиққат аст ва қобилият дорад, ки ба одамон ёрӣ диҳад, то онҳо аз чунин бор халос шаванд. Вай дар ин ҷода корҳои зиёд кардааст. Ба ғайр аз ин, вай метавонад ба шахсоне ёрӣ диҳад, ки аз боиси мусибатҳояшон рӯҳафтода шудаанд. Агар вай дар хона набошад, вай писари хеле хуб дорад, ки Одоб ном дошта, айнан мисли худи он ҷавонмарди солхӯрда боақл мебошад. Дар он ҷо ту комилан хушбахт шуда, аз бори худ озод хоҳӣ шуд. Агар ту ба хонаи кӯҳнаи худ баргаштан нахоҳӣ(зеро

ман ба ту ин тавр маслиҳат намедодам), ту метавонӣ зану фарзандонатро оварда, дар шаҳри Ахлоқ сокин шавӣ. Дар он ҷо хонаҳои зиёди холӣ ҳаст, иҷорапулии на чандон зиёд, ва хӯрокворӣ хуб ва арзон аст. Ҳамсояҳо ҳама поквиҷдон, шоистаи ҳурмат ва бовафо мебошанд, бинобар ин ҳаёти шумо бехатар ва хушбахт хоҳад буд.

**Сурат —саҳ. 41**

**Масеҳӣ роҳро тарк мекунад.**

Масеҳӣ оқибат натиҷа мебарорад, ки агар ин суханони боварибахш ҳақ бошанд, он гоҳ беҳтарин роҳ — аз рӯи маслиҳати Хирадманди Дунявӣ амал кардан аст. Бинобар ин вай пурсид: “Кадом аст роҳе ки сӯи хонаи он одами бовиҷдон мебарад?”

Хирадманди Дунявӣ ба теппаи баланд, ки дур набуд, ишора намуда, пурсид: “Оё ту ана он теппаи баландро мебинӣ?”

Масеҳӣ: Бале, хеле хуб мебинам.

Хирадманди Масеҳӣ: Бо роҳи он теппа равона шав; аввалин хонае ки ту ба он хоҳӣ омад, аз они вай аст.

Ҳамин тавр Масеҳӣ аз роҳ гашта, сӯи хонаи Ҷаноби Ќонуният барои кӯмак равон шуд.

**Сурат —саҳ. 42**

**Дар доманаи теппа вай метарсад.**

Вақте ки вай ба теппаи баланд рафта расид, харсангеро дид, ки хатари афтидан дошт ва ӯ дигар ҷуръат накард, зеро тарсид, ки кӯҳпора ба сараш меафтад. Бинобар ин вай ором истода, намедонист, ки чӣ кор кунад. Акнун бори вай аз пеш дида, вазнинтар менамуд. Аз теппа дурахши барқ намудор шуд, ва Масеҳӣ аз он фикр ки зинда сӯзонда мешавад , ларзида, аз тарс арақшор шуд.

**Сурат —саҳ. 43**

**Масеҳӣ Башоратдиҳандаи омадаистодаро дида, шарм дошт.**

Вай афсӯс мехӯрд, ки маслиҳати Хирадманди Дунявиро гирифт, ва вақте Башоратдиҳандаи омадаистодаро дид, аз шарм суп-сурх шуд. Башоратдиҳанда наздик шуд ва бо қиёфаи ҷиддӣ ва даҳшатангез ба Масеҳӣ нигариста, пурсид: “Масеҳӣ, ту дар ин ҷо чӣ кор мекунӣ?” Масеҳӣ чӣ ҷавоб доданро надониста, хомӯш дар пеши вай истод.

**Сурат —саҳ. 44**

**“Чаро ту аз роҳ гаштӣ?”**

Сипас Башоратдиҳанда гуфт: “Оё ту ҳамон одам нестӣ, ки ман ҳангоми фарёд заданат, берун аз деворҳои Шаҳри Ҳалокат ёфтам?”

Масеҳӣ: Бале, ман ҳамонам.

Башоратдиҳанда: Оё ман туро ба дарвозаи танг равона накардам?

Масеҳӣ: Ҳа.

Башоратдиҳанда: Пас чӣ тавр шуд, ки ту ин қадар зуд аз роҳ гаштӣ?

Масеҳӣ: Дарҳол, пас аз он ки ман аз Ботлоқи Рӯҳафтодагӣ баромадам, бо ҷавонмарде вохӯрдам, ки маро бовар кунонд, ки ман дар ин деҳа шахсеро ёфта метавонам, ки бори маро фароварда метавонад.

Башоратдиҳанда: Вай кӣ буд?

Масеҳӣ: Вай мисли ҷавонмарде менамуд ва то дами розӣ шуданам, бо ман сӯҳбат кард. Ҳамин тавр ба ин ҷо омадам. Аммо ҳангоме ки ба ин теппа расидам, ман тарсидам, ки он метавонад ба сарам афтад, бинобар ин ман ба пеш рафтан ҷуръат накардам, то ки пачақ шуда намурам.

**Сурат —саҳ. 45**

**Башоратдиҳанда ба Масеҳӣ савол доданро давом медиҳад.**

Башоратдиҳанда: Ин мард ба ту чӣ гуфт?

Масеҳӣ: Вай пурсид, ки ман ба куҷо меравам, ва ман ба ӯ гуфтам.

Башоратдиҳанда: Баъд чӣ гуфт?

Масеҳӣ: Вай пурсид, ки оё ман оила доштам. Ман гуфтам, ки доштам, лекин аз он сабаб ки ин бор дар пушти ман аст, ман мисли пештара аз онҳо ҳаловат бурда наметавонистам.

Башоратдиҳанда: Сипас вай чӣ гуфт?

Масеҳӣ: Вай ба ман гуфт, ки зуд аз бори худ халос шавам. Вақте ман ба вай гуфтам, ки назди дарвозаи танг меравам, то роҳ ба макони наҷот пайдо намоям, вай гуфт, ки ба ман роҳи беҳтару кӯтоҳтар нишон медиҳад, ки он нисбат ба роҳи шумо нишондода чандон душвориҳо надорад. Ҳамин тавр ман ба вай бовар карда, аз роҳи рост гаштам ва ба ин ҷо бо умеде омадам, ки зудтар аз борам халос шавам. Аммо вақте ки ба ин ҷо расидам ва вазъияти аслиро дидам, аз тарсу ваҳм қарор гирифтам. Акнун ман чӣ кор карданамро намедонам.

**Сурат —саҳ. 46**

**Башоратдиҳанда Масеҳиро сахт сарзаниш менамояд.**

Башоратдиҳанда: Муддате хомӯш ист ва гӯш деҳ, то ман ба ту суханони Худоро нишон диҳам.

Чун Башоратдиҳанда аз Калом мехонд, Масеҳӣ ларзида меистод: “Бохабар бошед, ки шумо низ аз сухангӯ рӯ нагардонед. Зеро, агар онҳое ки бар замин ба сухангӯ гӯш наандохтанд, аз ҷазо раҳо нашудаанд, пас алалхусус мо, агар аз Ӯ, ки аз осмон сухан мегӯяд, рӯ гардонем, раҳо нахоҳем шуд”(Ибриён 12:25). Вай илова намуд: “Одил бо имон хоҳад зист; ва агар касе рӯй гардонад, ҷони ман ба вай таваҷҷӯҳ нахоҳад кард” (Ибриён 10:38). Сипас Башоратдиҳанда ин суханонро нисбат ба Масеҳӣ ба кор бурд. Ту аз роҳи бехатарӣ ба роҳи хатарнок бероҳа шудӣ ва қариб ки ҳаёти худро аз даст медодӣ”.

**Сурат —саҳ. 47**

**Масеҳӣ сахт пушаймон мешавад.**

Ин суханонро шунида, Масеҳӣ афтод ва фарёд кард: “Вой бар ҳоли ман, зеро ман нобуд шудаам!”

Аммо Башоратдиҳанда аз дасташ гирифта, гуфт: "…ҳар навъ гуноҳ ва куфр ба одамизод бахшида мешавад. Беимон набош, балки имон дошта бош (Матто 12:31; Юҳанно 20:27-ро муқоиса намоед). Масеҳӣ ба худ омад ва дар пеши Башоратдиҳанда ларзон истод. Башоратдиҳанда давом дод: "Ба чизҳое ки мехоҳам ба ту нишон диҳам, диққати ҷиддӣ деҳ. Ман ба ту нишон хоҳам дод, ки шахси туро гумроҳ карда ва шахсе ки наздаш фиристода шудӣ, киҳо буданд. Марде ки бо вай вохӯрдӣ Хирадманди Дунявӣ буд. Вай хуб номи нек дорад, чунки вай дунявист ва ахлоқро дӯст дошта, некӯкориро захира менамояд. Вай ба таълимоти салиб ва наҷот гӯш нахоҳад дод".

**Сурат —саҳ. 48**

**Се хато дар маслиҳати Хирадманди Масеҳӣ.**

Дар маслиҳати Хирадманди Дуняви се хато буд: вай туро аз роҳи ҳақ гардонд; вай кӯшиш кард, ки салибро барои ту нафратовар намояд; вай туро ба роҳе равон кард, ки сӯи марг мебарад.

**Сурат —саҳ. 49**

**Масеҳӣ бар аблаҳии худ гиря мекунад.**

Масеҳӣ фикр кард, ки соати марг расида буд ва фарёд баровард: "Ман аблаҳ будам, ки ба Хирадманди Масеҳӣ гӯш дода, роҳи ростро тарк намудам!"

**Сурат —саҳ. 50**

**Башоратдиҳанда ба ақиб сӯи роҳи рост ишора менамояд.**

Сипас Башоратдиҳанда ба ақиб сӯи роҳе ки назди дарвозаи танг мебарад ишорат намуд ва ӯро огоҳ кард, ки дигар аҳмақ нашавад.

**Сурат —саҳ. 51**

**Масеҳӣ тавба карда, қарор медиҳад, ки ақиб баргардад.**

Вақте Масеҳӣ гуфт, ки бармегардад, Башоратдиҳанда табассум намуда ба вай “Худо ёрат бод” гуфт.

**Сурат —саҳ. 5**

**Масеҳӣ бо шитоб бармегардад.**

Чун Масеҳӣ бо шитоб ба ақиб мерафт, эҳтиёткорона аз сӯҳбат бо одамоне ки дар роҳ бо ӯ вомехӯрданд, худдорӣ мекард. Вай мисли шахсе буд, ки дар замини мамнӯъ қадам мезад ва то он даме ки ба роҳи рост гашта наомад, худро бехавф ҳис намекард.

**Сурат —саҳ. 53**

**Масеҳӣ назди дарвозаи танг меояд.**

Вақте ки Масеҳӣ назди дарвозаи танг омад, вай суханонеро дид, ки дар  боло навишта шудаанд: “Дарро бикӯбед, он ба рӯятон кушода хоҳад шуд”(Матто 7:7). Бинобар ин вай баромада, дарро кӯфт.

**Сурат —саҳ. 54**

**Хайрхоҳӣ дарвозаро мекушояд.**

Дар охир Хайрхоҳӣ ном шахси ҷиддӣ дарвозаро кушода, пурсид: “Ту кистӣ? Аз куҷо омадӣ? Чӣ мехоҳӣ?”

Масеҳӣ ҷавоб дод: “Ман гунаҳкори гаронбори бечораам, ки аз Шаҳри Ҳалокат омадаам. Ман назди Кӯҳи Сион меравам, то битавонам, ки аз ғазаби оянда раҳоӣ ёбам”.

**Сурат —саҳ. 55**

**Хайрхоҳӣ Масеҳиро ба дарун мекашад.**

Сипас Хайрхоҳӣ зуд Масеҳиро ба дарун кашид. “Чаро ту ин тавр кардӣ?” – пурсид Масеҳӣ.

“Каме дуртар аз ин дарвоза Ќасри Шайтон ҳаст”,– гуфт Хайрхоҳӣ. “Вай ҳамаи ононеро ки ба ин ҷо меоянд, поида меистад ва ба онҳо тир меандозад. Баъзе одамони бебахт бо ин тирҳо кушта мешаванд ва ҳаргиз ба дарун намедароянд”.

**Сурат —саҳ. 5**

**Масеҳӣ аз даромадан ба дарвозаи танг шод мешавад.**

Сипас Масеҳӣ гуфт:“ Ман шодӣ мекунам ва меларзам”.

“ Кӣ туро ба ин ҷо фиристод?”, – пурсид Хайрхоҳӣ. Сипас Масеҳӣ ҳар он чи дар роҳ рӯй дод, нақл кард.

**Сурат —саҳ. 57**

**Хайрхоҳӣ ба Масеҳӣ роҳи рост ва тангро нишон медиҳад.**

Хайрхоҳӣ бо диққат гӯш карда, сипас гуфт: “Ба ин ҷо бо ман биё ва ман ба ту роҳи дигарро нишон хоҳам дод, ки ту бояд бо он равӣ. Ба пеши худ нигар. Оё ту он роҳи ростро мебинӣ? Ин роҳест, ки ту бояд бо он равӣ. Онро пайғамбарони қадим, Масеҳ ва шогирдонаш сохта буданд. Дар ин ва он тараф бисёр роҳҳои морпеч ҳастанд, ки каҷ ва васеъ мебошанд. Танҳо роҳи дуруст рост ва танг мебошад. Бо ин роҳ рафта, ту ба хонаи Тафсиркунанда хоҳӣ омад. Дари вайро бикӯб, ва ӯ ба ту бисёр чизҳои оличаноб нишон хоҳад дод.

**Сурат —саҳ. 58**

**Масеҳӣ бо роҳи рост назди хонаи Тафсиркунанда меравад.**

Масеҳӣ бо роҳи рост равон шуд. Вақте ки ба хонаи Тафсиркунанда расид, ба дар тақ-тақ кард. Дар охир касе омада, пурсид:“Ту кистӣ?”

Дар ҷавоб Масеҳӣ гуфт: “Ман мехостам бо соҳиби хона гап занам”.

Вақте ки Тафсиркунанда намоён шуд, Масеҳӣ фаҳмонд, ки вайро Хайрхоҳӣ фиристод.

**Сурат —саҳ. 59**

**“Ман ба ту чизҳои зиёд нишон хоҳам дод”.**

Баъд Тафсиркунанда гуфт: “Даро, ва ман ба ту чизҳои зиёд нишон хоҳам дод, ки барои ту фоиданок хоҳанд буд.

Ба хизматгораш овардани шамъи фурӯзон фармуда, Масеҳиро ба хонаи шахсӣ даровард.

**Сурат —саҳ.60**

**Тасвири одами хеле ҷиддӣ.**

Дар ин ҷо вай расми шахси хеле ҷиддиро дид, ки истода гӯё барои мардум дархост мекард. Чашмонаш сӯи осмон нигаронида шуда буданд, ва ӯ дар дасташ беҳтарин китобро дошта меистод. Дар сараш тоҷи тиллоӣ, ва дар ақибаш ҷаҳон буд.

“Ин одам”,– фаҳмонд Тафсиркунанда,–“метавонад мардумро дигаргун карда, сабаби аз олами боло таваллуди онҳо шавад. Ҷаҳони дар ақиби вай буда ва тоҷи сараш нишон медиҳанд, ки ҳар кӣ аз чизҳои ин ҷаҳон нафрат менамояд, аз баракоти Осмон ҳаловат хоҳад бурд.

**Сурат —саҳ.61**

**Масеҳӣ ду усули рӯфтани толорро меомӯзад.**

Баъд Тафсиркунанда Масеҳиро ба толори калон бурд, ки пур аз чанг буд, чунки он ҳаргиз рӯфта шуда набуд. Пас аз он ки онҳо ба он муддате ба он нигариста истоданд, Тафсиркунанда шахсеро ҷеғ зад, то бирӯбад. Чун вай мерӯфт, чанг чунон ба осмон хест, ки Масеҳӣ қариб нафасгир шуд. Сипас Тафсиркунанда ба духтаре, ки наздаш меистод гуфт: “Об биёр ва хонаро об бипош”. Баъд хона тоза рӯфта шуд.

**Сурат —саҳ.62**

**Маънои хонаи ифлос.**

“Ин чӣ маъно дорад?” – пурсид Масеҳӣ.

Тафсиркунанда ҷавоб дод: “Ин толор дили одам аст; чирк гуноҳест, ки шуморо нопок кардааст. Касе ки дар аввал ба рӯфтан сар кард, Ќонун аст; духтаре ки обро оварда, онро пошид, Инҷил аст. Ќонун ба ҷои дилро аз гуноҳ пок кардан, танҳо гуноҳро дар ҷон ба вуҷуд оварда, онро зиёд мекунад. Аммо ҳангоме ки таъсири тоза ва гаронбаҳои Инҷил медарояд, гуноҳ мағлуб мешавад ва ҷон

тоза шуда, барои истиқомати Подшоҳи ҷалол муносиб мешавад”.

**Сурат —саҳ.63**

**Нафс ва Сабр.**

Дар хобам дидам, ки Тафсиркунанда аз дасти Масеҳӣ гирифта, ба хонаи хурд бурд ва дар он ду кӯдак шишта буд. Номи яке Нафс ва номи дигаре Сабр. Нафс норозӣ менамуд, аммо Сабр хеле ором буд. Масеҳӣ пурсид: “Чаро Нафс ин қадар норозӣ аст?”

Тафсиркунанда ҷавоб дод: “Падару модараш ба вай гуфтанд, ки барои чизҳои нағз то соли оянда мунтазир шавад. Вай ҳозир онҳоро мехоҳад, бинобар ин вай хашмгин аст. Аммо Сабр бо шавқу ҳавас мунтазир мешавад”.

**Сурат —саҳ.64**

**Халтаи ганҷ.**

Сипас ман касеро дидам, ки ба Нафс халтаи ганҷ оварда, назди поҳояш рехт. Бо тантана хандида, вай ин ганҷро ҷамъ кард. Аммо дар давоми муддати кӯтоҳ ҳамаи онро исроф карда, бо сару тани пора-пора монд.

**Сурат —саҳ.65**

**Тафсири Тафсиркунанда.**

Тафсиркунанда ин тавр гуфт: “Нафс—симои одамони ин ҷаҳон аст; Сабр бошад симои одамони оянда мебошад. Айнан чӣ тавре ки Нафс тамоми лаззатҳои худро ҳозир мехоҳад, ҳамон тавр одамони ин ҷаҳон бояд тамоми чизҳои нағзи худро ҳозир дошта бошанд; онҳо бо шавқу ҳавас мунтазири ҳаёти пас аз марг намешаванд. Ва чӣ тавре ки ганҷҳои Нафс зуд исроф шуданд, ҳамон тавр ин бо онҳое хоҳад буд, ки хушбахтии ин ҷаҳонро меҷӯянд”.

**Сурат —саҳ.66**

**Масеҳӣ оташи хомӯшнашавандаро мебинад.**

Баъд Тафсиркунанда аз дасти Масеҳӣ гирифта, ба ҷое мебарад, ки дар он ҷо оташе рӯ ба рӯи деворе месӯхт.

Шахсе ки наздики оташ меистод, беист ба он об мерехт, аммо оташ танҳо равшантар ва шиддатноктар месӯхт.

Сипас Масеҳӣ пурсид: “Ин чӣ маъно дорад?”

Тафсиркунанда ҷавоб дод: “Оташ ин кори файз дар дили одам мебошад. Касе ки барои хомӯш кардани он об мерезад, шайтон аст. Аммо, чӣ тавре ки ту мебинӣ, оташ танҳо шиддатноктар ва равшантар месӯзад. Ман ба ту сабаби инро нишон хоҳам дод”.

**Сурат —саҳ.67**

**Вай мефаҳмад, ки чаро оташ хомӯш намешавад.**

Сипас Тафсиркунанда Масеҳиро ба пушти девор бурд. Дар ин ҷо вай одами дигарро дид, ки дар దасташ зарфе дошта, беист ба оташ равған мерехт.

“Ин чӣ маъно дорад?”, – пурсид Масеҳӣ.

Тафсиркунанда ҷавоб дод: “Ин Масеҳ аст. Вай равғани файзи Худро истифода мебарад, то кореро нигоҳ дорад, ки аллакай дар дили халқи Ӯ сар шудааст. Халқи шахсии Масеҳ фарзандони файз мебошанд, ва қудрати шайтон, гарчанде ки бузург бошад ҳам, наметавонад кори файзро, ки дар дили онҳо сар шудааст, хомӯш намояд. Чӣ тавре шумо мебинед, ин шахс дар пушти девор меистад; то ба шумо таълим диҳад, ки барои шахсони ба васваса афтода дидан душвор аст, ки чӣ тавр ин кори файз дар ҷонҳои онҳо нигоҳ дошта мешавад”.

**Сурат —саҳ.68**

**Вай чор дарвозабони зиреҳпӯшро мебинад.**

Баъд Тафсиркунанда Масеҳиро назди дарвозаи бисёр зебо ва таъсирбахш бурд, ки дар пеши он чор шахси боқуввати зиреҳпӯш меистоданд. Дар канори дарвоза шахсе дар пушти миз нишаста, китоберо дар даст нигоҳ медошт, ки дар он номҳои шахсоне навишта мешуданд, ки бояд аз ин дарвоза дохил мешуданд. Дар пеши дарвоза як гурӯҳи калони одамон меистоданд, ки барои даромадан хоҳиши сахт доштанд, аммо аз одамони яроқдор метарсиданд. Дар

деворҳои қаср шумораи зиёди одамон, ки либосҳои сафед пӯшида буданд, нигоҳ карда меистоданд.

**Сурат —саҳ.68**

**Ҷанговари ҷасур барои даромадан ҷанг мекунад.**

Лекин, ба назар ҳеҷ кас ҷасур наменамуд, то ҷасорат карда ҷанг намояд. Дар охир Масеҳӣ шахси хеле ҷасурро дид, ки назди котиб омада, чунин гуфт: “Ҷаноб, номи маро нависед”. Чун котиб инро кард, вай бар сар кулоҳ пӯшида, шамшерро аз ғилоф кашид, ва сипас ҷасурона ба пеш ҳаракат кард, то бо чор шахси зиреҳпӯш ҷанг намояд. Онҳо бо вай бо қувваи фавқулодда ҷангиданд. Аммо вай шамшер зада, роҳи худро мекушод, ва захмгин кардаву захмгин шуда, вай барои даромадан муваффақ шуд.

**Сурат —саҳ.70**

**Дастаи сароядагон вайро пешвоз мекунанд.**

Дар ҳамин вақт овозҳои хуши дастаи сароядагон ба гӯш расид, ки месароиданд:

Даро, даро;
Ту ҷалоли абадӣ пайдо хоҳӣ кард.

Ҳамин тавр вай даромада, мисли онҳо бар тан либоси сафед пӯшид.

“Ба фикрам, ман маънои инро медонам”, – гуфт табассумкунон Масеҳӣ. “Акнун бигзор, ки ман бо роҳам равон шавам”.

**Сурат —саҳ.71**

**Мард дар қафаси оҳанин.**

“Не, мунтазир шав”, – гуфт Тафсиркунанда, – “то он даме ки ба ту чизи дигареро нишон диҳам, ва пас аз ин ба роҳи худ равон шав”. Баъд вай ӯро аз даст гирифта, ба хонаи торик бурд, ки дар он марде дар қафаси оҳанин менишаст. Ин мард хеле ғамгин менамуд. Вай чашмонашро поён афканда менишаст, дастонаш бо ҳам гузошта шуда буданд, ва ӯ оҳ мекашид, гӯё ки дилшакаста буд.

“Ин чӣ маъно дорад?”, – пурсид Масеҳӣ.

“Ту худат ин мардро пурсида метавонӣ”, – ҷавоб дод Тафсиркунанда.

**Сурат —саҳ.72**

**Мард сабаби уқубати худро мефаҳмонад.**

Масеҳӣ назди қафаси оҳанин омада пурсид:“Ту кистӣ?”

“Боре ман ба назари кас чун шахси хуб ва Масеҳии муваффақ менамудам. Ман фикр кардам, ки дар роҳ ба Шаҳри Осмонӣ мебошам ва аз он фикр, ки ба он ҷо мерасам, хеле хушбашт будам.

“Аммо ҳозир бо ту чӣ шуд?”

“Акнун ман ноумед ҳастам, чунки назоратро аз даст дода, ҳушёр набудам ва ҷилави нафси шаҳвонии худро сар додам. Ман зидди нури Калом ва некии Худо гуноҳ кардам. Ман шайтонро озмудам ва вай назди ман омад. Ман рӯҳро андӯҳгин кардам, ва Ӯ рафт. Ман диламро чунон сахт намудам, ки тавба карда наметавонам”.

“Лекин акнун оё ту метавонӣ тавба намуда, баргардӣ?”

“Худо тавбаи маро рад кардааст. Афсӯс, ки Ӯ маро дар ин қафас маҳкам кардааст. Оҳ абадият! Абадият! Чӣ тавр ман ба ҷазои абадӣ тоқат хоҳам кард?”

**Сурат —саҳ.73**

**Тафсиркунанда Масеҳиро огоҳ мекунад.**

Баъд Тафсиркунанда ба Масеҳӣ гуфт:“Азоби ин мардро дар ёд нигоҳ дор ва бигзор он барои ту огоҳӣ бошад”.

“Ин даҳшатнок аст”,- гуфт Масеҳӣ. “Бигзор Худо ба ман ёрӣ диҳад, ки ҳушёр бошам. Ҷаноб, аз шумо хоҳиш менамоям, ки ба ман иҷозат диҳед, ки акнун бо роҳи худ равон шавам”.

**Сурат —саҳ.74**

**Шахси ларзон ва ба ҳаяҷон омада.**

Аммо Тафсиркунанда гуфт: “Мунтазир шав, то он даме ки ман ба ту як чизи дигарро нишон диҳам ва баъд ту бо роҳи худ хоҳӣ рафт”. Вай Масеҳиро ба хобгоҳе бурд, ки

дар он ҷо марде аз аз хоб мехест. Чун либосҳои худро пӯшид, ларзида, ба ҳаяҷон омад.

Пас аз ин Масеҳӣ гуфт: “Чаро ин одам ба ҳаяҷон меояд?” Тафсиркунанда аз он мард хоҳиш кард, ки ба Масеҳӣ сабабро гуфта диҳад.

“Ман хобе дидам”, - гуфт он мард.

**Сурат —саҳ.75**

**Мард хоби худро нақл мекунад.**

“Шаби гузашта ман дар хобам дидам, ки осмонҳо хеле тира шуда, раъду барқ ба амал омад. Ман ба боло нигариста, шахсеро дидам, ки бар абре менишаст, ва фариштагон Ӯро боло мебурданд. Ман ҳамчунин овозеро шунидам, ки мегуфт: “Бархезед, мурдагон, ва ба доварӣ оед! Мурдагон бо ин аз қабрҳои худ бармехезанд, баъзеяшон пур аз шодӣ ва баъзеяшон пур аз тарс. Шахсе ки дар абрҳо менишаст, ба фариштагон фармуд: “Мастакҳо ва коҳрезаро ба кӯли оташин андозед” (Матто 3:12; 13:40; Ваҳй 20:12,15).

**Сурат —саҳ.76**

**Чуқурии бетаг.**

“Дар ҷое ки ман истодам, чуқурии бетаг кушода шуд, ва аз даҳони он оташ ва дуд мебаромад. Ман фикр кардам, ки рӯзи доварӣ омад, ва ман тайёр набудам, ва ба даҳшат афтодам”.

**Сурат —саҳ.77**

**Масеҳӣ бо роҳи худ сурудхонон равона мешавад.**

Пас аз он ки Масеҳӣ ин дарсҳои рӯҳониро дид, хайрухуш гуфт. Тафсиркунанда бо вай худоҳофизӣ намуда, гуфт: “Масеҳии нек, Тасаллидиҳанда ҳамеша бо ту хоҳад буд, то туро ба роҳе ҳидоят намояд, ки ба он Шаҳр мебарад”. Сипас Масеҳӣ аз сари нав сурудхонон раҳсипор шуд.

**Сурат —саҳ.78**

**Девори Наҷот.**

Акнун ман дар хобам дидам, ки роҳи асосие ки Масеҳӣ дар он сафар мекард, аз ҳар ду тараф бо Наҷот ном деворе кашида шуда буд. Масеҳӣ бо душвориҳои зиёд бо ин роҳ ба боло медавид, чунки дар пушташ бор буд.

**Сурат —саҳ.79**

**Масеҳӣ назди салиб омад ва бор аз пушташ афтод.**

Масеҳӣ ҳамин тавр медавид, то даме ки ба ҷои баланд омад, ки дар болои он салиби чӯбин меистод, ва дар таги он қабри холӣ. Ҳамин ки вай назди салиб баромад, бораш аз китфҳояш афтода ба даҳони қабр ғелида рафт, ва ман онро дигар надидам. Сипас Масеҳӣ ҳайратоварона сабук шуда, бо дили шод гуфт: "Ӯ ба ман бо андӯҳи Худ оромӣ ва бо марги Худ ҳаёт додааст".

**Сурат —саҳ.80**

**Вай ҳайрон шуда, бо диққат менигарад.**

Аз он ки намуди салиб аз бораш вайро халос кард, вай ҳайрон шуда, бо диққат менигарист. Чашмонаш аз ашк пур шуда, ба рухсораҳояш ҷорӣ шуданд.

**Сурат —саҳ.81**

**Се каси дурахшон зоҳир мешаванд.**

Чун вай дар он ҷо нигариста, гиря мекард, дид, ки се шахси дурахшон наздаш омаданд, ва ба вай салом дода, гуфтанд: "Сулҳ ба шумо бод". Якумаш гуфт: "Тамоми гуноҳҳои ту бахшида шудаанд". Дуюмаш ҷандаҳояшро кашида, бо либоси нави сафед пӯшонид. Сеюмаш дар пешониаш нишона гузошт ва ба вай навиштаҷоти мӯҳрдор дода, фармуд, ки ҳангоми давидан онро хонад ва вақте ки ба Дарвозаи Осмонӣ бирасад, онро супорад.

**Сурат —саҳ.82**

**Масеҳӣ бо роҳи худ равон шуда, меҷаҳид ва шодикунон месароид.**

**Сурат —саҳ.83**

**Вай бо Содадилӣ, Танбалӣ ва Худписандӣ вомехӯрад.**

Баъд ман дидам, ки вай ба поёни теппа равон шуд. Дар поён, назди канори харсанге, се шахсе сахт мехобиданд, ва пойҳояшон занҷирбанд буд. Номи якеаш Соддадилӣ; дигаре Танбалӣ; ва сеюмин Худписандӣ.

**Сурат —саҳ.84**

**Масеҳӣ онҳоро дар бораи хатар огоҳӣ менамояд.**

Онҳоро чунин хобида дида, Масеҳӣ назди онҳо рафт, то онҳоро бедор карда, дар бораи хатар огоҳ намояд. "Эҳтиёт бошед! Дар поёни шумо чуқуриест, ки таг надорад! Биёед равем ва ман ба шумо ёрӣ хоҳам дод, то аз ин занҷир халос шавед".

Аммо онҳо гуфтанд:"Мо ҳеҷ гуна хатар намебинем", ва боз ба хоб рафтанд. Масеҳӣ дигар чорае надошт, ғайр аз он ки бо роҳи худ равон шавад, аммо вай ба ҳаяҷон афтод, ки онҳо хатари худро надиданд.

**Сурат —саҳ.85**

**Вай бо Расмиятпараст ва Дурӯя вомехӯрад.**

Чун вай дар бораи ин чизҳо фикр мекард, ду шахс, Расмиятпараст ва Дурӯя, аз девор ба тарафи дасти чапи роҳи танг ҷаста фаромаданд. Чун онҳо наздик мешуданд, Масеҳӣ пурсид: "Ҷанобон, шумо аз куҷо омада, ба куҷо меравед?"

Онҳо ҷавоб доданд: "Мо дар сарзамини Ҷалоли ҳеҷу пуч таваллуд шудаем ва дар Шаҳри Осмонӣ шӯҳрат ва барори корро ҷустуҷӯ менамоем".

**Сурат —саҳ.86**

**Вай мепурсад, ки чаро онҳо аз болои девор гузашта, даромаданд.**

Масеҳӣ ҷавоб дод: "Шумо мегӯед, ки ба Шаҳри Осмонӣ рафтан мехоҳед ва бо вуҷуди ин шумо ба ҷои ба воситаи дарвозаи танг даромадан, аз болои девор гузаштаед. Шумо аллакай ба қонуни ин сарзамин итоат накардаед ва Худованди Шаҳри Осмонӣ ба шумо иҷозат нахоҳад дод, ки дароед".

Ҳар дуи онҳо ҷавоб доданд: “Роҳи мо кӯтоҳтар аст; Ѓайр аз ин, ба ин тариқ даромадан барои ҳамшаҳриёни мо одат шудааст. Ту ба воситаи дарвозаи танг даромадӣ, мо аз болои девор; ба ғайр аз ин ҳамаи мо қад – қади ҳамон як роҳ сафар менамоем”.

Аммо Масеҳӣ ҷавоб дод: “Ман мувофиқи қоидаи Худованд мегардам. Шумо мувофиқи қоидаи дилҳои худ мегардед. Шумо аллакай аз ҷониби Худованди ин роҳ чун дуздон ҳисоб мешавед”.

**Сурат —саҳ.87**

**Онҳо бо роҳи худ равон мешаванд.**

Ҳар дуи онҳо танҳо ин чизро гуфтанд: “Мо ба роҳи худ меравему ту ба роҳи худ”. Ҳамин тавр ҳар яки онҳо бо роҳи худ равон шуданд.

**Сурат —саҳ.88**

**Расмиятпараст ва Дурӯя бо Масеҳӣ баҳс мекунанд.**

Пас аз мудддате Расмиятпараст ва Дурӯя бо Масеҳӣ баҳс карданро сар карда, гуфтанд: “Мо тамоми қонунро мисли ту риоя мекунем. Ягона фарқи ману ту ин либосест, ки дар пушти туст. Шояд он барои пӯшондани расвоии лучии туст!”

**Сурат —саҳ.89**

**Масеҳӣ ҷавоб медиҳад.**

“Ин либосро ба ман Худованди ин шаҳр додааст, ва ҳангоме ки ман назди дарвоза оям, Ӯ маро аз рӯи либосе хоҳад шинохт, ки ба ман дода буд. Ман дар пешониам нишона ва ҳамчунин навиштаҷоти мӯҳрзада дорам, ки онро ҳангоми ба дарвозаи Осмонӣ даромадан бояд супорам. Ман шубҳа дорам, ки шумо ин чизҳоро доред, чунки шумо ба воситаи дарвозаи танг надаромадед”.

Ба ин онҳо ҳеҷ чиз ҷавоб надоданд; онҳо фақат ба ҳамдигар нигариста, қаҳ – қаҳ хандиданд.

**Сурат —саҳ.90**

## Дар пеш – Теппаи Душворӣ

Ҳар сеяшон роҳашонро давом доданд, то ба Теппаи Душворӣ расиданд, ки дар поёни он чашмаи об буд. Дар ин ҷо низ ду роҳ буд. Якеаш ба тарафи рост тоб мехӯрду дигараш ба тарафи чап, аммо роҳи танг аз байни онҳо рост ба баландии теппа мебурд.

**Сурат —саҳ.91**

**Масеҳӣ об менӯшад.**

Масеҳӣ назди чашма рафта, каме он нӯшид. Ин ба вай қувват дод, ва ӯ ғайратмандона бо роҳи танг ба теппа баромадан гирифт.

Расмиятпараст ва Дурӯя низ ба поёни теппа расиданд, аммо вақте онҳо ба қуллаи баланди он нигаристанд, қарор доданд, ки бо роҳҳои канорӣ раванд. Яке роҳи хатарро интихоб намуда, дар ҷангал гум шуд; дигаре роҳи ҳалокатро интихоб карда, бар харсанге пешпо хӯрд ва афтида, мурд.

**Сурат —саҳ.92**

**Масеҳӣ зӯр зада ба теппа мебарояд.**

Сипас ман ба Масеҳӣ нигаристам, ки ба теппа мебаромад, ва пай бурдам, ки вай аз давидан ба қадам задан, ва аз қадам задан ба баромадан ба боло бо дасту зонуҳои худ гузашт, чунки роҳ рост фаромада буд.

**Сурат —саҳ.93**

**Масеҳӣ дар айвонча хоб мекунад.**

Дар нимароҳ ба қуллаи теппа айвончаи фораме буд, ки онро Худованди теппа барои қувват гирифтани мусофирони хасташуда сохта буд. Масеҳӣ ба ин ҷой расида, нишаст, то дам гирад. Аз бағали худ навиштаҷотро гирифта, вай ба хондан шурӯъ кард, аммо монда шуда, зуд ба хоби чуқур рафт, ва навиштаҷот аз дасти вай афтод. Чун вай мехобид, касе омада, ӯро бедор карда, гуфт: "Эй коҳил! Назди мӯрча бирав, рафтори онро бингар ва ҳикмат биомӯз" ( Масалҳо 6:6 ).

**Сурат —саҳ.94**

**Тарсончак ва Нобоварӣ намоён мешаванд.**

Масеҳӣ ногаҳон ҷаста хеста, шитобон ба роҳи худ равон шуд, то ба баландии теппа расид. Вақте вай дар ин ҷо ду шахси сӯяш омадаистодаро дид, ҳайрон шуд. Номи якеаш Тарсончаку номи дигараш Нобоварӣ. Масеҳӣ ба онҳо гуфт: "Ҷанобон, чӣ гап? Шумо бо роҳи нодуруст меравед".

Онҳо ҷавоб доданд: "Мо дар ин роҳ шерҳоро дидем. Ҳар қадар ки мо дуртар мерафтем, ҳамон қадар мо бештар бо хатар рӯ ба рӯ мешудем, бинобар ин мо ба ақиб бармегардем".

Сипас Масеҳӣ гуфт: "Шумо маро тарсондед. Пас ман бо кадом роҳ бояд равам, то дар амон бошам? Бозгашт ба кишвар худ марги ногузир аст. Рафтан ба пеш тарси марг аст, аммо дар охири ин роҳ ҳаёти ҷовидонист. Ман ба пеш хоҳам рафт".

**Сурат —саҳ.95**

**Масеҳӣ набудани навиштаҷотро пай мебарад.**

Ҳамин тавр Нобоварӣ ва Тарсончак ба поёни теппа давиданд ва Масеҳӣ роҳашро ба пеш давом дод. Чун мерафт, фикр кард, ки барои дилбардории худ аз навиштаҷот хонад. Вай бағали худро кофт, аммо чизе наёфт. Вай хеле гаранг шуд, то ба ёд овард, ки шояд ҳангоми дар айвонча хобиданаш онро ғалтонд. Ба зону афтид ва аз Худо бахшиш пурсид, ва сипас барои ҷустуҷӯи навиштаҷот гашта рафт.

**Сурат —саҳ.96**

**Масеҳӣ барои ёфтани навиштаҷот шитоб менамояд.**

Чун вай барои ҷустуҷӯи навиштаҷот баргашт, оҳ кашида, бо пушаймонӣ гирист. "Худованд он айвончаро танҳо барои қувват гирифтани мусофирон сохт",– гуфт вай. "То чӣ андоза ман аблаҳ ва пургуноҳ будам, ки дар миёни душворӣ хобидам!"

**Сурат —саҳ.97**

**Вай дар айвонча навиштаҷоро меёбад.**

Чун вай ба айвонча расид, нишаста, боз гирист. Аммо дар охир, ба гирду атрофи худ ғамгинона нигариста, вай дар зери харак навиштаҷотро дид. Бо дасти ларзон онро гирифта, баргашта ба бағали худ ҷо кард. Кӣ метавонад он шодиро тасвир намояд, ки вай акнун эҳсос мекард? Ин навиштаҷот чиптаи (билети) вай ба Осмон ва боварии қатъии вай ба ҳаёти ҷовидонӣ буд!

**Сурат —саҳ.98**

**Масеҳӣ дар Ќасри Зебо.**

Чӣ қадар акнун Масеҳӣ зуд боқимондаи роҳро ба болои теппа тай мекард! Ҳанӯз вай ба баландӣ нарасида буд, ки офтоб фурӯ нишаст. Боз вай ба аблаҳии хоби худ гирист, зеро вай ба ёд овард, ки Нобоварӣ ва Тарсончак ба вай гуфта буданд, ки дар роҳ аз шерон тарсида буданд. Вай ба худ гуфт: "Агар ин ҳайвонҳо ба ман дар торикӣ ногаҳон ҳамла намоянд, ман пора-пора хоҳам шуд". Аммо маҳз ҳамон вақте ки ва аз хатои худ пушаймон мешуд, чашмонашаро бардошта, дар пеши худ қасри оличанобе дид, ки Зебо ном дошт.

**Сурат —саҳ.99**

**Масеҳӣ шеронро мебинад.**

Инак, ман дар хобам дидам, ки вай сӯи қаср шитоб кард, бо умеде он ки дар он ҷо ҷои хоб пайдо намояд. Аммо пеш аз он ки вай дур равад, ба гузаргоҳе ворид шуд ва дар масофаи начандон дур ду шереро дид, ки дар пеши дарвоза мехобиданд.

**Сурат —саҳ.100**

**Дарвозабон ба вай мегӯяд, ки шерон занҷирбанд шудаанд.**

"Акнун", - фикр кард вай, "Ман хатарҳоеро мебинам, ки Нобоварӣ ва Таросончакро тарсонда буданд". Аммо дарвозабон, ки номаш Ҳушёр буд, дид ки Масеҳӣ дудила шудааст, гӯё ки мехост ба ақиб баргардад, ва фарёд зад:

“Чаро ту ин қадар тарсончак ҳастӣ? Аз шерон натарс, чунки онҳо занҷирбанданд ва дар он ҷо барои озмудани имони ту ҷойгир карда шудаанд! Дар миёни роҳ ист, ва ба ту ҳеҷ осеб нахоҳад расид”.

**Сурат —саҳ.101**

**Масеҳӣ пеш меравад.**

Сипас ман дидам, ки Масеҳӣ аз тарсида, ларзон ба пеш меравад. Аммо вай аз рӯи дастури дарвозабон амал намуд, ва гарчанде ки наъраи шерон ба гӯши вай мерасид, онҳо ба вай ҳеҷ осебе нарасонданд. Вақте вай назди дарвозабон расид, пурсид: “Оё ман метавонам дар ин ҷо шабро гузаронам?”

Дарвозабон ҷавоб дод: “Ин хона аз ҷониби Худованди Теппа барои дамгирӣ ва бехатарии мусофирон сохта шудааст. Аммо ту аз куҷо омадаӣ, ва ба куҷо меравӣ?”

“Ман аз Шаҳри Ҳалокат омдаам ва ба Шаҳри Осмонӣ меравам. Ман хоҳиш менамоям, ки ман ҷои хоб диҳӣ”.

“Номи ту чист?”

“Дар гузашта номи ман Бефайз буд, аммо акнун он Масеҳӣ аст”.

**Сурат —саҳ.102**

**“Чаро ин қадар дер омадӣ?”**

Дарвозабон пурсид: “Чӣ тавр шуд, ки ту ин қадар дер омадӣ? Офтоб аллакай фурӯ рафтааст.” Баъд Масеҳӣ ба вай нақл кард, ки чӣ тавр вайро дар айвонча хоб фаро гирифт ва чӣ тавр вай навиштаҷоти худро гум карда, маҷбур шуд, ки баргардад.

**Сурат —саҳ.103**

**Дарвозабон Ҳушёр Боақлиро чеғ мезанад.**

Сипас дарвозабон Ҳушёр зангӯларо ҷунбонд, ва сипас Боақлӣ ном зани ҷавоне намоён шуда пурсид, пурсид, ки чаро вайро чеғ заданд. Ҳушёр Масеҳиро шинос карда, гуфт: “Агар бароят хуш намояд, мумкин аст, ки ин шахс дар ин ҷо шабро гузаронад?”

**Сурат —саҳ.104**
**Боақлӣ Масеҳиро мепурсад.**

Дар ҷавоб ба саволҳои Боақлӣ, Масеҳӣ ба вай дар бораи чӣ тавр ба сафар баромаданаш ва дар роҳ бо чӣ гуна ҳодисаҳо рӯ ба рӯ шуданаш нақл кард. Чун Боақлӣ гӯш мекард, аз чашмонаш ашк мерехт, ва ӯ гуфт: “Ман дигар аъзоёни оиларо ҷеғ хоҳам зад, то бо ту вохӯранд”.

**Сурат —саҳ.105**
**Вай бо оила вомехӯрад.**

Ҳамин тавр Боақлӣ назди дар давида, Некандешӣ, Парҳезгорӣ ва Некӯиро ҷеғ мезанад. Пас аз он ки онҳо бо Масеҳӣ сӯҳбат карданд, ӯро даъват намуданд, ки бо аъзоёни боқимондаи оила вохӯрад. Назди дар, тамоми оила хам шуданд ва салом дода, гуфтанд: “Даро, ту аз ҷониби Худованд баракат ёфтаӣ”.

**Сурат —саҳ.106**
**Некандешӣ, Парҳезгорӣ ва Некӯӣ бо Масеҳӣ гап мезананд.**

Вай бо онҳо ба хона даромад, ва ҳангоме ки вай нишаст, онҳо барояш нӯшокие оварданд. Некандешӣ, Парҳезгорӣ ва Некӯӣ то тайёр шудани хӯроки шом сӯҳбатро бо вай давом доданд. Онҳо то бевақтӣ нишаста, дар бораи Худованди Теппа гап заданд. Сипас, пас аз дуо, онҳо пароканда шуда, барои дамгирӣ ба хонаҳои худ рафтанд.

**Сурат —саҳ.107**
**Хона Осоиштагӣ ном дошт.**

Онҳо ба Мусофир болохонаи калонро нишон доданд, ки Осоиштагӣ ном дошт, ва тирезаҳои он ба тарафи офтоббаро кушода мешуданд. Дар ин ҷо Масеҳӣ то саҳар оромона хоб рафт.

**Сурат —саҳ.108**
**Китобхонаи китобҳои нодир ва қадим.**

Субҳи дигар дӯстони вай ба Масеҳӣ гуфтанд, ки ӯ бояд ба ҳеҷ куҷо наравад, то он даме ки онҳо ба вай баъзе ёдгорҳои бузургтарини замонҳои қадимро нишон диҳанд, ки ба оила таърихи Худованди Теппаро нишон медод. Ин ёдгориҳо исбот менамуданд, ки Ӯ Писари Худо буда, на аввал дошту на охир, ва Ӯ тамоми подшоҳиро ба худ мутеъ карда, тайёр буд касонеро, ки Ӯро ҳақорат мекарданд, бахшад. Онҳо ҳамчунин нишон медоданд, ки Ӯ тамоми пайғамбариҳои ба вай алоқамандро иҷро намуд.

**Сурат —саҳ.109**

**Зиреҳ барои ҳимоя аз ҳилаҳои шайтон.**

Баъд оила ӯро ба анбори силоҳ дароварда, тамоми намуди зиреҳро, мисли шамшер, тоскулоҳ, сипар, ҷавшан, ҳар дуо, ва пойафзолеро, ки кӯҳна намешавад, нишон доданд ( Эфсӯсиён 6:11 – 18 ). Инчунин баъзе силоҳҳои ҷангӣ буданд, ки бо онҳо ҷанговарони замонҳои қадим корҳои ҷасурона нишон медоданд. Масеҳӣ аз тамоми ин чизҳо ба ваҷд омад.

**Сурат —саҳ.110**

**Онҳо ба вай Кӯҳҳои Хушнамудро нишон медиҳанд.**

Вақте ки вай сафарашро давом додан хост, онҳо вайро водор намуданд, то як рӯзи дигар истад, ва гуфтанд: “Агар рӯз офтобӣ бошад, мо ба ту Кӯҳҳои Хушнамудро нишон хоҳем дод”. Сипас вай розӣ шуд. Субҳи дигар, онҳо вайро ба бом бурданд ва гуфтанд, ки ба ҷануб нигоҳ кунад. Дар он ҷо, дар масофаи хеле дур, вай кишвари аз ҳама гуворoро дид, ки бо кӯҳҳо ва дарахтон зебу зинат дода шуда буданд. “Ин Замини Иммонуил аст”, – ҷавоб доданд онҳо. “Вақте ки ту ба он ҷо расӣ, баъзе чӯпонон ба ту дарвозаҳои Шаҳри Осмониро нишон хоҳанд дод”.

**Сурат —саҳ.111**

**Онҳо дигар вайро бознамедоранд.**

Акнун Масеҳӣ хоҳиш дошт, ки дарҳол равон шавад, бинобар ин онҳо дигар вайро бознадоштанд.

**Сурат —саҳ.112**

**Масеҳӣ зиреҳро дар бар мекунад.**

“Аммо дар аввал”,– гуфтанд онҳо, –“биё боз ба анбори силоҳ равем, ки дар он ҷо ту метавонӣ  зиреҳи куллии Худоро дар бар кунӣ, зеро дар роҳ бо ҳамлаҳои шайтон рӯ ба рӯ мешавӣ”.

Пас аз он ки вай бар худ зиреҳ пӯшид, бо дӯстони худ назди дарвоза рафт. Дар он ҷо вай аз Ҳушёр пурсид, ки оё вай ягон мусофиреро дидааст, ки аз наздаш гузашта буд.

“Бале”, - гуфт дарвозабон,” – марде ки номаш Амин аст аз наздам гузашт. Аммо дар ин вақт вай аллакай ба поёни теппа рафтааст”.

“Оҳ,” – ҷавоб дод хушбахтона Масеҳӣ, –“Ман ӯро мешиносам. Вай ҳамшаҳр  ва ҳамсояи наздики ман аст. Ман бояд шитоб намуда, ба вай расида гирам”.

**Сурат —саҳ.113**

**Масеҳӣ аз Теппаи Душворӣ поён меояд.**

Чун Масеҳӣ раҳсипор шуд, Боақлӣ, Парҳезгорӣ, Некӯӣ ва Некандешӣ истодагарӣ намуданд, ки ӯро ҳамроҳӣ намоянд. Ҳамин тавр онҳо қадамзанон дар бораи Наҷоткор сӯҳбат карданд. Вақте онҳо аз теппа фаромаданро сар карданд, Масеҳӣ гуфт: “Боло баромадан душвор буд, ва чуноне ки мебинам, поён фаромадан хавфнок аст”.

“Ҳа”,– гуфт Некандешӣ,–“ҳамин тавр аст. Ба Водии Фурӯтанӣ, ки ҳозир ту равонаӣ, бе ягон ҳодиса фаромадани одам душвор аст. Барои ҳамин мо туро ҳамроҳӣ менамоем”.

**Сурат —саҳ.114**

**Дӯстонаш ба вай тӯҳфаҳо медиҳанд.**

Дар поёни теппа дӯстонаш ба Масеҳӣ як шиша май, як дона нон ва як каф мавиз доданд. Вай бо мамнуният он тӯҳфаҳоро гирифт ва ба роҳи худ ба сӯи Водии Фурӯтанӣ рафт.

**Сурат —саҳ.115**

**Масеҳӣ бо Аполлион вомехӯрад.**

Дар Водии Фурӯтанӣ Масеҳии бечора ба сахтиҳо дучор шуд. Вай масофаи камро тай намуда, деви нафратовареро дид, ки номаш Аполлион буд. Масеҳӣ ба тарс афтод ва ҳайрон монд, ки баргардад ё дар ҷояш истад. Ҳамин тавр, вай рафт, ва Аполлион ба вай вохӯрд.

**Сурат —саҳ.116**

**Аполлион, деви даҳшатовар**

Дев намуди даҳшатовар дошт. Вай ба монанди моҳӣ бо пулакча пӯшида шуда буд, чун аждаҳо қанотҳо дошт, пойҳояш чун пои хирс буданд. Вай аз даҳонаш, ки ба даҳони шер монанд буд, оташ ва дуд мебаровард. Вай подшоҳи Шаҳри Ҳалокат буд ва мехост Масеҳиро кушад.

**Сурат —саҳ.117**

**Аполлион ба Масеҳӣ даъво мекунад.**

Аполлион: Ту яке аз тобеони ман ҳастӣ, чунки ман ҳоким ва худои Шаҳри Ҳалокат ҳастам. Чаро ту аз подшоҳӣ худ мегурезӣ? Агар умедвор намебудам, ки ту ҳанӯз ба ман хизмат мекунӣ, туро ба замин мезадам.

Масеҳӣ: Ман ҳақиқатан дар подшоҳии ту таваллуд шудаам, аммо хизмати ту душвор буд. Одам наметавонад бо музди ту зиндагӣ кунад, чунки “музди гуноҳ марг аст”. Ман акнун худро ба Шоҳи шоҳон ҳамроҳ намудаам. Ман ба Ӯ хизмат карданро, музди Ӯро, хизматгорони Ӯро, кишвари Ӯро ва бо Ӯ ҳамроҳ буданро аз они ту дида бештар дӯст медорам. Кӯшиш накун, ки маро бовар кунонӣ. Ман хизматгори Ӯ ҳастам ва ба Ӯ пайравӣ хоҳам намуд.

**Сурат —саҳ.118**

**Аполлион ба ғазаб меояд.**

Ин суханони мустаҳкам Аполлионро ба ғазаб оварданд. Вай хашмгинона найзаи оташинро ба сари синаи Масеҳӣ партофт, аммо сипари Масеҳӣ вайро ҳимоя кард. Вай зуд Шамшери Рӯҳро бароварда, ба Аполлион ҳуҷум кард.

**Сурат —саҳ.119**

**Онҳо ним рӯз ҳарбу зарб намуданд.**

Ду ҳариф бо пешравӣ ва ақибнишинӣ ним рӯз ҳарбу зарб намуданд, бе он ки ба афзалият ноил шаванд. Масеҳӣ, ки сараш ва пойҳояш захмдор шуда буданд, хунаш бисёр рафта буд. Дигар муқобилият карда натавониста, вай ба замин афтид, ва шамшераш аз дасташ ғалтид.

**Сурат —саҳ.120**

**Масеҳӣ ба Аполлион зарбаи марговар мезанад.**

Аммо ҳамин ки Аполлион вайро куштанӣ шуд, Масеҳӣ чолокона дасташро дароз карда, шамшерашро гирифт ва гуфт: "Ба аҳволи ман шодӣ накун, эй душмани ман: зеро, агарчи фурӯ ғалтидаам, хоҳам бархост" (Мико 7:8). Инро гуфта, вай ба Аполлион зарбаи марговар зад, ки вай аз он ба ақиб ғалтид. "Аммо бар ҳамаи ин мо ба воситаи Дӯстдорамон ғолиб меоем" (Румиён 8:37), – фарёд зад Масеҳӣ ва боз бар вай ҳуҷум кард.

**Сурат —саҳ.121**

**Аполлион парида меравад.**

Аполлион шикаст хӯрд, ва қанотҳои аждаҳоияшро кушода, гурехта рафт. Муддате Масеҳӣ дигар вайри надид.

**Сурат —саҳ.122**

**Масеҳӣ шукргузорӣ мекунад.**

Дар давоми тамоми ҳарбу зарб Масеҳӣ тирарӯй ва ҳушёр буд. Танҳо вақте муваффақ шуд, ки Аполлионро бо шамшери дудамааш захмдор кунад, вай табассум карда, ба боло нигоҳ кард. Баъд Масеҳӣ гуфт: "Ман ба Оне ки маро аз даҳони шер халос кард ва ба ман бар зидди Аполлион ёрӣ дод, шукргузонӣ менамоям".

**Сурат —саҳ.123**

**Захмҳои Масеҳӣ шифо меёбанд**

Баъд ба вай дасте бо баргҳои дарахти ҳаёт омад. Масеҳӣ онҳоро гирифт ва бар захмҳое ки дар ҳарбу зарб гирифта буд, гузошт, ва фавран шифо ёфт.

**Сурат —саҳ.124**

**Масеҳӣ гуруснагии худро рафъ мекунад.**

Вай нишаст, то ки нон  ва майро, ки ба вай дода буданд, бихӯрад ва бинӯшад. Баъд, ба худ омада, вай саёҳати худро бо шамшер дар даст давом дод, чунки гуфт: “Шояд боз ягон душмани дигаре дар наздикӣ бошад”. Аммо вай Аполлионро дар Водии Фурӯтанӣ дигар вонахӯрд.

**Сурат —саҳ.125**

**Водии Сояи Марг.**

Ман дар хобам дидам, ки Масеҳӣ ба канори водии дигаре омад, ки Водии Сояи Марг ном дошт. Ин ҷо ду касе ки ба ақиб мешитофтанд, ба вай дар бораи хатарҳое ки дар пеш ҳастанд, хабар доданд. “Худи водӣ чун қатрон торик аст”,–гуфтанд онҳо.–“Мо он ҷо инчунин девҳои даҳшатовареро ва аждаҳоёнро дидем ва доду фарёди беистро шунидем, чун аз одамоне ки дар азобанд”. Аммо Масеҳӣ ҷавоб дод: “Новобаста ба гуфтаҳои шумо, ин бояд роҳ ба сӯи панохгоҳи дилхоҳ бошад”.

**Сурат —саҳ.126**

**Масеҳӣ ба водӣ дохил мешавад.**

Баъд ман дидам, ки пайраҳаи Водии Сояи Марг аз тарафи чап бо ҷарии хеле чуқур ва аз тарафи рост бо ботлоқи пурлой маҳдуд буд. Худи пайраҳа хеле танг буд. Чун Масеҳӣ мекӯшид, ки дар як тараф аз ҷарӣ эҳтиёт шавад, вай дар тарафи дигар қариб ба ботлоқ чаппа мешуд. Тахминан дар миёнаи водӣ вай ба даҳони Дӯзах расид, ки аз он оташу дуду ғуррос ва садоҳои даҳшатовари девҳо берун меомад.

**Сурат —саҳ.127**

**Силоҳи нав—Ҳар дуо**

Ин ҷо Масеҳӣ шамшерашро ба ғилоф андохт ва силоҳи дигареро гирифт, ки Ҳар дуо ном дошт (Эфс. 6:18). Ҳамин тавр вай дуо кард: “Худовандо, аз ту илтиҷо дорам, ҷони маро наҷот деҳ”. Аммо девҳои нонамоён гӯё наздиктар ва наздиктар меомаданд. Вақте ки онҳо қариб дар болои вай буданд, вай бо овози баланд фарёд намуд: “Ман бо қудрати Худованд Худо қадам мезанам!” Бинобар ин онҳо баргаштанд ва дигар наздик нашуданд.

**Сурат —саҳ.128**

**Масеҳӣ саёҳати худро аз назар мегузаронад.**

Чун пагоҳӣ фаро расид, вай ба ақиб нигарист, то бубинад, ки дар торикӣ аз кадом хатарҳо гузаштааст. Вай возеҳу аён ҷарии чуқурро аз як тараф, ва ботлоқи пурлойро дар тарафи дигар дид, ва инчунин дид, ки пайраҳаи байни он чӣ қадар танг буд. Дар дурӣ вай девҳои нафратовар ва аждаҳоёнро дид, аммо субҳидам онҳо ба наздик омадан ҷуръат накарданд.

**Сурат —саҳ.129**

**Масеҳӣ  Бовафоро мебинад.**

Акнун Масеҳӣ бо роҳи худ равона шуд, то ба теппае дар водӣ расид, ки аз он вай метавонист ҳама тарафро мушоҳида кунад. Дар пеш Бовафоро дида, вай фарёд зад: “Маро интизор шав!” Аммо Бовафо ҷавоб дод: “Ман ба истодан ҷуръат намекунам, чунки қасосгирандаи хун дар ақиби ман аст”.

**Сурат —саҳ.130**

**Масеҳӣ аз суръати худ фахр мекунад.**

Масеҳӣ аз шунидани ин ранҷид ва бо тамоми қувва давида ба Бовафо расида гирифт. Худписандона табассум карда, вай фаромӯш кард, ки ба  пеши пояш нигоҳ кунад, ва пешпо хӯрда афтид.

**Сурат —саҳ.131**

**Бовафо ба вай ёрӣ медиҳад.**

Афтидани вайро дида, Бовафо давида ба вай ёрӣ дод, то ба пой хезад. Баъд онҳо дӯстдорона дар бораи ҳодисаҳое ки бо онҳо дар давоми саёҳаташон рӯй дода буд, бо ҳам сӯҳбат карда, раҳсипор шуданд.

**Сурат —саҳ.132**

**Бо ҳам сӯҳбат карда, онҳо ба роҳ сӯи Сион равона шуданд.**

Масеҳӣ: Ту дар шаҳти Ҳалокат чӣ қадар истодӣ, пеш аз он ки аз пайи ман равона шавӣ?

Бовафо: То даме ки дигар истода натавонистам. Ман умед доштам, ки ҳамроҳи ту меравам, аммо ту пеш аз ман раҳсипор шудӣ, бинобар ин маро лозим омад, ки танҳо равона шавам.

Масеҳӣ: Оё ту дар бораи ёри Гапдаро ягон хабаре шунидӣ?

Бовафо: Аз вақте ки вай ақиб гашт, бисёр ёрон вайро масхара карданд ва бад диданд.

Масеҳӣ: Оё пеш аз рафтанат бо вай сӯҳбат кардӣ?

Бовафо: Ман боре вайро дар кӯча дидам, аммо вай чолокона ба тарафи дигари кӯча гузашт, гӯё аз кори кардааш шарм медошт.

**Сурат —саҳ.133**

**Бовафо дар бораи бо Сабукпо вохӯрданаш нақл мекунад.**

Бовафо: Ман ба Ботлоқи Рӯҳафтодагӣ наафтодам, чуноне ки ту афтодӣ, ва низ дар роҳи худ ба сӯи дарвозаи танг бо хатар вонахӯрдам, аммо дар роҳ бо касе вохӯрдам, ки Сабукпо ном дошт. Бо лабҳои пуртамаллуқ вай ба ман тамоми намудҳои хушиҳоро ваъда дод, аммо ман чашмонамро пӯшидам, то ки мафтуни вай нашавам. Вай маро дашном дод, аммо ман бо роҳи худ рафтам.

**Сурат —саҳ.134**

**Одам Бовафоро ба васваса меандозад.**

Масеҳӣ: Оё ту бо хатарҳои дигар вохӯрдӣ?

Бовафо: Вақте ман ба пояи Теппаи Душворӣ омадам, одами хеле пирро дидам, ки аз рӯи гуфтааш вай Одам аз шаҳри Фиреб буд. Вай аз ман хоҳиш кард, ки ҳамроҳаш зиндагӣ кунам, ва ваъда дод, ки маро ворили худ хоҳад кард.

**Сурат —саҳ.135**

**Се духтари Одам хӯрданиҳои болаззат пешкаш мекунанд.**

Бовафо: Ман аз вай пурсидам, ки чӣ хел хона ва кадом хизматгорон дорад.Вай ба ман гуфт, ки тамоми намудҳои хӯрокҳои болаззатро болои мизаш пешкаш кардааст ва хизматгоронаш се духтари худаш мебошанд: Шаҳвати Ҷисм, Ҳаваси Чашмон, ва Ѓурури Зиндагонӣ (1 Юҳанно 2:16). Вай ба ман гуфт, ки агар хоҳам, метавонам ҳамаашонро ба занӣ гирам. Дар аввал ман розӣ шудам, ки бо вай ра, аммо фикрамро дигар кардам.

**Сурат —саҳ.136**

**Одам ба Бовафо лаънат мехонад.**

Бовафо: Дар як дам ман дарк кардам, ки агар вай маро ба даст оварад, метавонад маро ҳамчун ғулом фурӯшад. Бинобар ин ба вай пешниҳод кардам, ки сӯҳбатро қатъ кунад, чунки ман ҳеҷ гоҳ ба хонаи вай нахоҳам рафт. Баъд вай ба ман лаънат хонд ва гуфт, ки касеро мефиристад, то маро ба мусибат гирифтор кунад. Чун ман баргаштам, то аз вай дур шавам, вай маро дошта, чунон кашола кард, ки гумон кардам маро пора-пора мекунад. Ин маро водор кард, ки дод гӯям: "Вой бар ҳоли ман, ки шахси мискин ҳастам!" (Румиён 7:24). Ҳамин тавр ман бо роҳи худ ба болои теппа равона шудам.

**Сурат —саҳ.137**

**“Марде ба ман расида гирифт”.**

Бовафо: вақте ки ман қариб дар ними роҳ ба қуллаи Теппаи Душворӣ будам, ва атроф нигоҳ кардам ва мардеро дидам, ки чун бод тез аз пайи ман меомад. Вақте ки ман ба айвонча расидам, вай ба ман расида гирифт.

**Сурат —саҳ.138**

**“Вай маро ба замин зада, ғалтонд”**

Бовафо: Мард ба назди ман омад ва бо зарбаи қамчинаш маро ба замин зада, ғалтонд, ва ман дар он ҷо чун мурда дароз кашида будам. Вақте ки ман ба худ омадам, аз вай пурсидам: “Чаро бо ман ин хел бераҳмона рафтор мекунӣ?” Вай ҷавоб дод: “Барои хайрхоҳии пинҳониат ба Одам”. Инро гуфта, вай ба синаи ман зарбаи дигаре зад ба боз ба замин зада, афтонд. Вақте ки ман боз ба худ омадам, фарёд намудам: “Ба ҳаёти ман раҳму шафқат кун!” Бешубҳа вай маро мекушт, агар як касе омада намегуфт, ки бас кунад.

**Сурат —саҳ.139**

**Бовафо некӯкори худро мешиносад.**

Масеҳӣ: Кӣ буд он касе ки ба вай бас карданро фармуд?

Бовафо: Ман дар аввал Ӯро нашинохтам, аммо вақте ки Ӯ рафт, ман пайи меххоро дар дастонаш дидам ва донистам, ки Ӯ Худованди мо буд.

Масеҳӣ: Оне ки ба ту расида гирифт, Мусо буд. Вай ба онҳое ки қонунро вайрон мекунанд, раҳму шафқат намекунад.

**Сурат —саҳ.140**

**Беқаноатӣ**

Масеҳӣ: Ба ман бигӯй, оё дар Водии Фурӯтанӣ бо касе вохӯрдӣ?

Бовафо: Ҳа, ман Беқаноатиро дидам, ки маро барои бо вай баргаштан водор мекард.  Вай гуфт, ки дар Водии Фурӯтанӣ тамоман шараф нест. Ман ба вай ҷавоб додам: "Пеш аз шараф фурӯтанӣ аст, ва пеш аз нобарорӣ—ҳавобаландӣ" (Масалҳо 15:33; 16:18). Ман беҳтараш ба донишманди кӯҳансол гӯш дода,  фурӯтаниро интихоб мекунам, назар ба ин ки он чиро ҷустуҷӯ намоям, ки ту шараф меномӣ.

**Сурат —саҳ.141**
**Нанг ба Бовафо рӯ меорад.**

Масеҳӣ: Оё дар он водӣ боз бо ягон каси дигар вохӯрдӣ?

Бовафо: Ҳа, ман Нангро дидам, марде ки беҳаётарин рӯе дошт, ки ман ягон бор дида бошам. Вай бешубҳа нодуруст номида шуда буд. Вай гуфт, ки бо дин машғул шудан барои мард кори паст ва ҳақирона аст, ва сайёҳони роҳи осмон ҳама одамони паст ва ҳақир ҳастанд. Дар байни чизҳои дигар вай инчунин гуфт, ки бахшиш талаб намудан ва ё гардонда додан нанг аст.

**Сурат —саҳ.142**
**Бовафо ҷавоб медиҳад.**

Масеҳӣ: Ту ба вай чӣ гуфтӣ?

Бовафо: Дар аввал ман натавонистам фикр кунам, ки ба вай чӣ гӯям, аммо баъд ба хотир овардам, ки "он чи дар назари мардум олидараҷа аст, пеши Худо зишт аст" (Луқо 16:15). Бинобар ин ман гуфтам: "Онҳое ки баҳри малакути осмон худро нодон месозанд, дар ниҳояти кор донотарин мебошанд. Агар ман Худованди худро тарк кунам ва ба ту пайравӣ намоям, вақти омадани Ӯ чӣ гуна ҷуръат карда ба рӯяш нигоҳ мекунам?" Ҳамин тавр, чун аз вай халос шудам, бо сурудхонӣ роҳамро давом додам.

**Сурат —саҳ.143**
**Инак Сергап меояд.**

Илова ба ин, ман дар хоби худ дидам, ки чун онҳо раҳсипор шуданд, Бовафо тасодуфан ба як тараф нигоҳ карда, мардеро бо номи Сергап дид, ки дар наздикӣ қадам мезад. Бовафо наздик рафта, бо вай гап зад: ”Эй дӯст, оё ту ҳам ба кишвари осмонӣ равонаӣ?”

“Ҳа“ – ҷавоб дод Сергап,– “ман ба ҳамон ҷо рафта истодаам”.

“Биё ҳамроҳ меравем” – гуфт Бовафо,– “ва вақтро дар сӯҳбат оиди чизҳои фоиданок гузарон”.

**Сурат —саҳ.144**

**Масеҳӣ ба Бовафо маслиҳат медиҳад.**

Пас аз он ки онҳо муддате бо ҳам сӯҳбат карданд, Бовафо ба Масеҳӣ наздик шуда, бо мулоиматӣ гуфт: “Чӣ ҳамсафари хубе дорем”.

Аммо Масеҳӣ ҷавоб дод: “Биё, ман ба ту дар бораи он дӯст гап занам. Ман вайро хуб медонам, чунки вай дар шаҳри мо зиндагӣ мекунад. Номи вай Сергап аст, писари Хушгап, ва вай дар Ѓавғои БеҲудагӯӣ зиндагӣ мекунад. Вай забони боаҚл дорад ва пур аз суханони хуб аст, аммо дар дили вай дин Ҷой надорад”.

Бовафо: Пас ман дар ин одам сахт фиреб хӯрдаам. Чӣ хел аз вай халос шавем?

МасеҲӣ: МаслиҲати маро гир. СӯҲбатро оиди масъалаҲои Ҷиддӣ сар кун ва баъд ошкоро аз вай пурс, ки оё имони вай ҲаҚиҚӣ аст ё танҲо дар сухан мебошад. Ту хоҲӣ дарёфт, ки чуноне ту аз вай монда шудаӣ, вай низ аз ту монда шудааст.

**Сурат —саҳ.145**

Бовафо Сергапро месанҷад.

Ҳамин тавр, Бовафо ба сӯи Сергап қадам монд ва гуфт: “Аҳвол чӣ тавр?”

Сергап: Ташаккур, хуб, ман фикр кардам, ки мо то ин дам бояд сӯҲбати тӯлоние мекардем.

Бовафо: Агар ту хоҳӣ, биё дар бораи ин масъала сӯҳбат мекунем. Файзи наҷоти Худо худро дар дили одам чӣ хел аён мекунад?

**Сурат —саҳ.146**

ОнҲо дар бораи гуноҲ ва файз баҲс мекунанд.

Сергап: Ин саволи хуб аст. Аввалан, файз боиси эътирози бузурге бар зидди гуноҳ мешавад.

Бовафо: Ба фикрам, беҲтараш бояд гӮИ, ки он Ҷонро водор мекунад, ки гуноҲро бад бинад.

**Сурат —саҳ.147**

Сергап аз санҶиш намегузарад.

Сергап: Чаро, байни эътирози бузурге бар зидди гуноҳ ва бад дидани он чӣ фарқе ҳаст?

Бовафо: Хеле зиёд. Ман шунидаам, ки бисёриҲо дар минбар бар зидди гуноҳ эътироз мекунанд, аммо дар дил ва дар хона аз он Ҳаловат мебаранд. Дини ту танҲо дар сухан ва гуфтор аст ё дар асл ва ҲаҚиҚат?

Ин ҷо рӯи Сергап сурх шуд ва пурсид, ки чаро ба ман чунин савол медиҳӣ?

**Сурат —саҳ.148**

Бовафо ва Сергап шиносоиро Қатъ мекунанд.

Бовафо: Чунки ту барои сӯҳбат ин қадар тайёр ҳастӣ. Аммо барои ту майнӯшӣ, бахилӣ, қасам хӯрдан, дурӯғгӯӣ ва дин ҳама дар як қатор меистанд.

Сергап: Азбаски ту барои доварӣ кардани ман ин қадар тайёр ҳастӣ, ман ба хулосае меоям, ки ту пессимисти (рӯҳафтодаи) инчиқ буда, лоиқи сӯҳбат нестӣ. Бинобар ин ман бо ту хайрухуш мекунам.

**Сурат —саҳ.149**

**“Аз чунин шахсон канорагирӣ намо”.**

Баъд Масеҳӣ омад ва ба бародараш гуфт: Чӣ хел шуданашро ман ба ту гуфта будам. Суханони ту ва ҳирси вай бо ҳам муросо намекунанд. Вай тарк кардани рафоқати туро аз тағйир додани ҳаёти худ афзалтар медонад. Вай моро аз ташвише халос кард, ки вайро тарк кунем, зеро вай танҳо доғе дар шарикии мост. Илова бар ин, ҳаворӣ Павлус мегӯяд: “Аз чунин шахсон канорагирӣ намо” (1 Тимотиюс 6:5).

**Сурат —саҳ.150**

**Масеҳӣ ба Бовафо таҳсин мегӯяд.**

Бовафо: Ман хурсандам, ки бо вай ин сӯҳбати кӯтоҳеро доштам. Ман ошкоро гап задам; агар вай тавбаро рад кунад, ман ба хуни вай зомин нестам.

Масеҳӣ: Ту дуруст рафтор кардӣ, ки ин тавр ошкоро сӯҳбат кардӣ. Ман мехоҳам, ки ҳамаи одамон ҳамин тавр гап зананд. Баъд одамон ё самимӣ буданро ёд мегиранд, ё ин ки дар ҷамъияти муқаддасон худро нороҳат ҳис мекунанд.

**Сурат —саҳ.151**

**Онҳо қадамзанон ҳам сӯҳбат мекунанд.**

Раҳораҳ бо ҳам сайр ва сӯҳбат карда, ду сайёҳ саёҳати дурударозро дилкаш ва фоиданок дарёфтанд. Вагарна он дилгиркунанда мебуд, чунки онҳо аз байни саҳрои беодам роҳ мерафтанд.

**Сурат —саҳ.152**

**Онҳо Башоратдиҳандаро вомехӯранд.**

Вақте онҳо қариб аз саҳрои беодам баромада буданд, тасодуфан ба ақиб нигаристанд ва симои шиносеро диданд. “Ин дӯсти хуби ман, Башоратдиҳанда, аст”,– фарёд кард Масеҳӣ.

Башоратдиҳанда: Сулҳ бо шумо бод, дӯстони ман. Аз он вақте ки аз ҳам ҷудо шудем, чӣ ҳодисаҳоро аз сар гузаронидед?

Масеҳӣ ва Бовафо ҳамаи он чиро, ки дар роҳ бо онҳо рӯй дода буд, ба вай нақл карданд.

Башоратдиҳанда: Ман хеле хурсандам, на барои он ки шумо бо санҷишҳо дучор шудед, балки барои он ки шумо ғолиб омадед. Ва тоҷи безавол дар пеши шумост. Пас, бидавед, то онро ба даст оварда тавонед. Илова бар ин, ба дилҳои ҳуд хуб назар андозед, ва қиёфаи худро чун санг мустаҳкам намоед. Тамоми қудрат дар осмон ва замин тарафдори шумост.

**Сурат —саҳ.153**

**Башоратдиҳанда аз хатарҳое ки дар пеш ҳастанд, огоҳ мекунад.**

Масеҳӣ: Ташаккур, Башоратдиҳанда, барои суханҳои рӯҳбаландкунандаат. Азбаски ту дар баробари башоратдиҳанда буданат пайғамбар низ ҳастӣ, ба мо бештар дар бораи роҳе ки дар пеш аст ва дар бораи он гап зан, ки чӣ тавр ба хатарҳо муқобилият намоем ва паси сар кунем.

Башоратдиҳанда: Фарзандонам, шумо шунидаед, ки ба воситаи бадбахтиҳои бисёр ба подшоҳии Худо хоҳед расид (Аъмол 14:22). Чуноне ки мебинед, шумо қариб аз саҳрои беодам берун омадаед. Баъд шумо ба шаҳре меоед. Он ҷо ба шумо душманоне ҳамла мекунанд, ки шуморо куштанӣ мешаванд, ва яке ё ҳар дуятон шаҳодати худро бо хуни худ мӯҳр хоҳед зад. Аммо то дами мамот боваафо бошед, ва Подшоҳ ба шумо тоҷи ҳаётро хоҳад дод (Ваҳй 2:10).

**Сурат —саҳ.154**

**Сайёҳон ба Ярмаркаи Ҳеҷу Пуч наздик меоянд.**

Баъд ман дар хоби худ дидам, ки вақте онҳо аз саҳрои беодам берун шуданд, ба шаҳри Ҳеҷу Пуч омаданд. Дар ин шаҳр ярмаркае буд, ки Ярмаркаи Ҳеҷу Пуч ном дошт.

**Сурат —саҳ.155**

**Дар ин ҷо ҳеҷу пуч фурӯхта мешавад.**

Ҳоло Ярмаркаи Ҳеҷу Пуч машғулияти наве нест.

Чандин замонҳо пеш Баалзабуб, Аполлион ва Легион диданд, ки сайёҳони ба Шаҳри Осмонӣ мерафта мебоист аз ин шаҳр мегузаштанд, бинобар ин онҳо ярмаркаи доимиеро фикр карда баровარданд, ки дар он ҳеҷу пуч (ғурурҳои дунявӣ ва лаззатҳои ҷисмӣ) фурӯхта шаванд.

**Сурат —саҳ.156**

**Ѓулғулае бар сайёҳон бармехезад.**

Ҳамин ки сайёҳон ба ярмарка расиданд, ҳамаи одамон ба ҳаракат омаданд ва ғулғулае бархост. Азбаски либоси сайёҳон ба либоси шаҳриён монанд набуд, ҳама ба онҳо

чашм медӯхтанд ва онҳоро аблаҳ ё девона меҳисобиданд. Инчунин, азбаски онҳо ба забони канъонӣ гап мезаданд, дар назари одамони ин ҷаҳон, ки ярмаркаро идора мекарданд, ба монанди барбариён буданд.

**Сурат —саҳ.157**

**Сайёҳон ҳеҷу пучи ярмаркаро рад мекунанд.**

Онҳо молҳоеро, ки барои фурӯш пешниҳод шуда буданд, бепарвоёна баҳо доданд, ва вақте ки савдогарон онҳоро ба харидан даъват карданд, онҳо гӯшҳояшонро маҳкам карданд ва фарёд намуданд: Чашмони маро аз дидани ҳеҷу пуч дур кун".

**Сурат —саҳ.158**

**Савдогар онҳоро масхара мекунад.**

Яке аз савдогарон, рафтори мусофиронро мушоҳида, онҳоро масхара карда, гуфт: "Шумо чӣ хариданӣ ҳастед?" Аммо онҳо ба вай ҷиддӣ нигоҳ карда, ҷавоб доданд: "Мо ҳақиқатро мехарем". Ин боиси он шуд, ки вай аз сайёҳон боз бештар нафрат кунад.

**Сурат —саҳ.159**

**Тӯдаи одамон онҳоро таҳқир мекунад.**

Чунон ғавғое дар кӯча ба амал омад, ки тамоми тартиб гум шуд, ва тӯдаи одамон ба таҳқир кардани сайёҳон сар карданд. Баъзеҳо масхара мекарданд, баъзеҳо суханони нешдор мегуфтанд, ва баъзеҳо дигаронро даъват мекарданд, ки онҳоро зананд. Дар охир хабар ба роҳбари ярмарка расонида шуд.

**Сурат —саҳ.160**

**Онҳоро ба ҳабс мегиранд ва пурсиш мекунанд**

Масеҳӣ ва Бовафоро барои пурсиш ба ҳабс гирифтанд. Дар ҷавоби саволҳо ҳар ду гуфтанд: "Мо сайёҳон ва мусофирон дар ҷаҳон ҳастем ва ба роҳамон ба кишвари худ, Ерусалими осмонӣ, равона мебошем".

**Сурат —саҳ.161**

**Пурсандагон онҳоро мезананд.**

Аммо пурсандагон онҳоро девона ё қасдан ташкилкунандагони бетартибӣ ҳисобида, мезаданд ва ба онҳо ифлосиҳоро мемолиданд.

**Сурат —саҳ.162**

**Онҳоро ба қафас андохтанд.**

Баъд онҳо Масеҳӣ ва Бовафоро барои тамошои ҳама ба қафаси оҳанин андохтанд. Ду нафар он ҷо хобида, ҳадафи масхара ва таҳқир буданд, ва касе набуд, ки онҳоро ҳимоя кунад. Роҳбари ярмарка барои ҳамаи он чи бо онҳо рӯй дод, қоҳ-қоҳ хандид.

**Сурат —саҳ.163**

**Айбдоркунандагони онҳо байни ҳам ҷанг мекунанд.**

Аммо сайёҳон пуртоқатона сабр мекарданд, ва дар ҷавоби бадӣ некӣ ва дар ивази таҳқир меҳрубонӣ мекарданд. Баъзе одамон дар ярмарка, ки аз дигарон камтар бадандешӣ доштанд, дигаронро барои бадкирдориашон ба таъна задан сар карданд. Аммо дигарон дар ғазаб шуда, ба онҳо дарафтоданд, ва ҳар ду тараф байни ҳам ба ҷанг даромаданд.

**Сурат —саҳ.164**

**Масеҳӣ ва Бовафо ба боиси бетартибӣ шудан айбдор карда мешаванд.**

**Сурат —саҳ.165**

**“Онҳоро калтаккорӣ кунед!”**

**Сурат —саҳ.166**

**Онҳоро инчунин занҷирбанд карданд.**

**Сурат —саҳ.167**

**Мурофиа таъин карда мешавад.**

Аммо Масеҳӣ ва Бовафо чунон оқилона рафтор карданд ва таҳқири онҳоро бо чунон ҳалимӣ тоқат намуданд, ки ҳатто бисёр одамон тарафдори онҳо шуданд. Ин чиз гурӯҳи мухолифро чунон ба ғазаб овард, ки онҳо қарор доданд, то сайёҳонро ба қатл расонанд. Ҳамин тавр, мурофиа таъин карда шуд.

**Сурат —саҳ.168**

**Бовафо ба ҳимояи худ тайёрӣ мебинад.**

Онҳоро барои мурофиа ба назди Довар Бадбинандаи некӣ оварданд. Айбнома чунин буд: “Ин одамон душмани савдо ва вайронкунандагони осоиштагӣ ҳастанд. Онҳо дар шаҳр ихтилофот ба амал оварданд ва қонуни подшоҳи моро сарфи назар карда, гурӯҳеро ба тарафдории ақидаҳои хавфноки худ ҷалб намуданд”.

Аммо Бовафо бархест ва худро ҳимоя карда, гуфт: “Ман худро танҳо бар зидди касе равона мекунам, ки ба қонунҳои Оне ки баландтарини баландҳост, мухолифат мекунад. Подшоҳе ки шумо мегӯед, шайтон аст, душмани Худованди мо, ва ман вай ва ҳамаи девҳояшро сарфи назар мекунам”.

**Сурат —саҳ.169**

**Се шоҳид**

Довар Бадбинандаи некӣ эълон кард, ки ҳар касе ки бар зидди маҳбусон шикояте дорад, омада маълумот диҳад. Се шоҳид омаданд: Бахилӣ, Хурофот, Шӯҳратпарастӣ.

**Сурат —саҳ.170**

**Бовафо боз ҷасурона гап мезанад.**

Ин се кас Бовафоро айбдор карданд, ки вай савдои онҳоро вайрон кард, зеро гуфт, ки масеҳият ва одатҳои Ярмаркаи Ҳеҷу Пуч наметавонанд бо ҳам оштӣ дошта бошанд ва  инчунин бар зидди шайтон ва дӯстони вай суханҳо гуфт.

Аммо Бовафо боз ҷасурона худро ҳимоя карда, гуфт: “Маро бардурӯғ айбдор кардаанд. Ман гуфта будам, ки ҳар

чи муқобили Каломи Худост, хилофи масеҳият аст, ва дар парастиши Худо имони илоҳӣ талаб карда мешавад. Дар бобати подшоҳи ин шаҳр ва думравонаш бошад, онҳо аз ин ҷо дида ба дӯзах лоиқтар ҳастанд. Ва ҳамин тавр, Худованд ба ман раҳм кун!”

**Сурат —саҳ.171**

**Ҳукмнома— айбдор аст.**

Баъд довар вакилони маҳкамаро вазифадор кард, то қарор бароранд, ки Бовафо ё қатл карда шавад, ё озод карда шавад. Вакилони маҳкама ҷанобон Нобино, Радкунандаи хубӣ, Шаҳватпараст, Фосиқҳаёт, Ҳавобаланд, Бадбинандаи рӯшноӣ, Дурӯғгӯй, Душманӣ, Сарсахт, Бераҳмӣ, Бахил ва Бадбинӣ буданд. Онҳо аллакай дар дили худ бар зидди вай доварӣ карда буданд, бинобар ин дере нагузашта онҳо ҳукмномаи айбдоркунанда баровbooарданд.

**Сурат —саҳ.172**

**Вай ба марг маҳкум карда мешавад.**

Довар Бадбинандаи хубӣ фармон дод, ки Бовафоро ба ҷои қатл баранд, то бо бераҳмонатарин марге ки қонуни онҳо метавонист фикр карда барорад, бимирад.

**Сурат —саҳ.173**

**Онҳо Бовафоро луч мекунанд.**

**Сурат —саҳ.174**

**Онҳо вайро қамчинкорӣ мекунанд.**

**Сурат —саҳ.175**

**Онҳо вайро бо дастҳояшон мезананд.**

**Сурат —саҳ.176**

**Онҳо вайро сангсор карда, бо кордҳо мебуранд.**

**Сурат —саҳ.177**

**Онҳо вайро бо шамшерҳо сӯрох мекунанд.**

**Сурат —саҳ.178**
**Онҳо вайро дар гулхан месӯзонанд.**

**Сурат —саҳ.179**
**Бовафо ба Шаҳри осмонӣ мерасад.**

Баъд ман дар хобам дидам, ки ҳарчанд Бовафо дар гулхан бераҳмона кушта шуд, дар лаҳзаи марг аз байни абрҳо рост ба боло ба дарвозаи Шаҳри Осмонӣ бурда шуд.

**Сурат —саҳ.180**
**Масеҳӣ халосӣ меёбад ва ба вай Умедвор ҳамроҳ мешавад.**

Масеҳиро баргардонда ба маҳбас бурданд, ва вай дар он ҷо муддате монд. Аммо Худо, ки ҳама чизро идора мекунад, чунин кард, ки Масеҳӣ халосӣ ёфт ва бо роҳи худ рафт. Вай танҳо набуд, зеро ба вай марде бо номи Умедвор ҳамроҳ карда шуд, ки аз намунаи олиҳимматонаи сайёҳон ба ваҷд омада буд.

**Сурат —саҳ.181**
**Онҳо бо ҳам саёҳат мекунанд.**

Ду кас маслиҳати бародарона намуданд, ки роҳи осмониро бо ҳам тай кунанд. Умедвор ба Масеҳӣ гуфт, ки бисёр одамони дигари Ярмаркаи Ҳеҷу Пуч ҳастанд, ки ягон рӯз ба онҳо пайравӣ хоҳанд кард.

**Сурат —саҳ.182**
**Сайёҳон бо Манфиатпараст вомехӯранд.**

Пас аз муддати кӯтоҳи ярмаркаро тарк карданашон ду сайёҳ дар роҳ ба касе расида гирифтанд ва аз вай пурсиданд, ки аз куҷо меояд ва оё роҳи сафараш тӯлонӣ буд. “Ман аз шаҳри Ярмаркаи сухан меоям ва ба Шаҳри Осмонӣ рафта истодаам”,–ҷавоб дод вай. Аммо вай номашро ба онҳо нагуфт. Ба ҳар ҳол, вай гуфт, ки бо ҳамаи

оилаҳои сарватманд ва ашрофзодаи Ярмаркаи сухан хешӣ дошт. “Мо дар дин аз дигарон бо ду чизи хурд фарқ мекунем”,–гуфт вай.–“Мо ба муқобили бод ва маҷро мубориза намебарем ва вақте ки дин бо пойафзоли нуқрагӣ қадам мезанад, боғайраттар ҳастем”.

**Сурат —саҳ.183**

**“Оё шумо ҷаноби Манфиатпараст ҳастед?”**

Ки будани он мардро тахмин карда, Масеҳӣ пурсид: “Оё шумо ҷаноби Манфиатпараст нестед?”

Манфиатпараст: Ин номи ҳақиқии ман нест; ин лақабро ба ман шахсоне додаанд, ки маро дӯст намедоранд. Агар шумо маро бо худ гиред, мебинед, ки ман рафиқи хуб ҳастам.

Масеҳӣ: Агар ту бо мо равӣ, бояд ба муқобили бод ва маҷро равӣ, ва инчунин бояд динро дар ҷанда дошта бошӣ, ҳамон тавре ки дар пойафзоли нуқрагӣ дорӣ.

**Сурат —саҳ.184**

**Ба ҷаноби Манфиатпараст се нафари дигар ҳамроҳ мешаванд.**

Аммо Манфиатпараст ин шартҳоро қабул накард ва ду сайёҳ рафоқатро бо вай бас карданд. Ҳамин ки онҳо вайро тарк карданд, диданд, ки ба вай се нафари дигар ҳамроҳ шуданд: ҷаноби Бадастоварандаи ҷаҳон, ҷаноби Пулдӯстдор ва ҷаноби Сарфакори ҳама чиз. Онҳо ҳама ба якдигар бо суханони хушомадгӯёна таъзим намуданд. Ҳамаи чор нафар донишҷӯёни мактаби ҷаноби Мумсик буданд. Вай ба онҳо гуфта буд, ки муваффақиятро бо зӯрӣ, хушомадгӯӣ, дурӯғгӯӣ, ё дар зери ниқоби дин амал карда ба даст овардан мумкин аст.

**Сурат —саҳ.185**

**Манфиатпараст ва рафиқонаш сайёҳонро муҳокима мекунанд.**

Манфиатпараст ба рафиқонаш дар бораи Масеҳӣ ва Умедвор нақл карда, гуфт: “Онҳо намефаҳманд, ки аз

дигаргун шудан мувофиқи замон чӣ тавр фоида ба даст овардан метавон. Онҳо бод ё маҷрои мусоидро интизор намешаванд, балки дар ҳама гуна обу ҳаво ба саёҳати худ мешитобанд. Онҳо ҳама чизро ба Худо вомегузоранд. Дар бобати ман бошад, ман бояд барои бехатарии ҳаётам ва моликиятам эҳтиёткорӣ намоям. Ман ба дин то даме пайравӣ мекунам, ки вақт ва бехатарии шахсии ман ба ин кафолат медиҳанд”.

**Сурат —саҳ.186**
**Онҳо ба сайёҳон савол медиҳанд.**

Ба сайёҳон расида гирифта, ин шахсон ба онҳо савол доданд: “Мардеро тасаввур кунед, ки ба вай имкони ба даст овардани баракатҳои ин ҳаёт дода шудааст, аммо барои ба даст овардани онҳо бояд худро хеле диндор вонамуд кунад. Оё вай метавонад, ки ин воситаҳоро барои ба даст овардани мақсади худ истифода барад, ва ҳанӯз бовиҷдон бошад?”

Масеҳӣ ҷавоб дод: “Ҳатто кӯдак дар имон метавонад ба даҳ ҳазор чунин савол ҷавоб диҳад. Агар барои бекорхӯҷаҳо пайравӣ ба Масеҳ манъ бошад, пас истифодаи дин барои ба даст овардани ҷаҳон ва аз он лаззат бурдан чӣ қадар нафратовартар аст”.

**Сурат —саҳ.187**
**Масеҳӣ ва Умедвор ба пеш мераванд.**

Он чор нафар ба ҳамдигар нороҳатона нигоҳ карда монданд. Ба Масеҳӣ ҷавоб дода натавониста, онҳо мулзам шуданд ва гузоштанд, ки сайёҳон раванд. Баъд Масеҳӣ ба рафиқаш гуфт: “Агар ин одамон ба маҳкумкунии одамон тоб наоваранд, ҳангоми маҳкумкунии Худо чӣ кор мекарда бошанд?”

**Сурат —саҳ.188**
**Димос ва ва теппае ки Фоида ном дошт.**

Акнун Масеҳӣ ва Умедвор зуд аз он чор нафар дур шуданд ва ба теппае омаданд, ки Фоида ном дошт ва дар он кони нуқра буд.

Андаке дуртар аз роҳ марде бо номи Димос истода буд (2 Тимотиюс 4:10), ки онҳоро ҷеғ зад: “Ҳой, ин сӯ гардед, ва ман ба шумо чизеро нишон медиҳам”.

**Сурат —саҳ.189**

**Сайёҳон ба тарафе гаштанро рад мекунанд.**

Сайёҳон намехостанд ба васвасаи ба тарафе гаштан гирифтор шаванд, ва бо роҳи худ рафтанд. Аммо Манфиатпараст ва рафиқонаш бо як ҷеғ задан ба назди Димос рафтанд ва дигар дар роҳ намоён нашуданд.

**Сурат —саҳ.190**

**Ду сайёҳ ҳайкали қадимиеро меёбанд.**

Ман дидам, ки сайёҳон ба ҷое омаданд, ки як ҳайкали кӯҳнаи шаклаш аҷоиб истода буд. Вай ба назари онҳо чун сутуне дар шакли зан намуд. Дар сутун навиштаҷоте бо хати қадимие буд, ки Масеҳӣ онро фаҳмида метавонист. Он чунин хонда мешуд: “ Зани Лутро дар хотир дор”. Онҳо ҳар ду хулоса бароварданд, ки ин сутуни намак буд, ки зани Лут ба он табдил ёфта буд, чунки ҳангоми аз Садӯми қадим гурехтан бо дили ҳарисона ба ақиб нигоҳ кард.

**Сурат —саҳ.191**

**Сайёҳон ба дарёи дилрабое меоянд.**

Ман дидам, ки онҳо дар роҳи худ ба сӯи дарёи дилрабое расиданд. Азбаски роҳи онҳо аз соҳили дарё мегузашт, Масеҳӣ ва рафиқаш бо ҳаловати зиёде қадам заданд. Онҳо аз оби ҷилодори он нӯшиданд, хелҳои зиёди меваҳоро чашиданд ва дар сабзазори пур аз нилуфари хушбӯй осуда хобиданд.

**Сурат —саҳ.192**

**Онҳо ба сӯи Сабзазори назди пайраҳа рӯ меоранд.**

Онҳо таассуф хӯрданд, вақте мебоист дарёи дилраборо тарк карда, ба роҳи калони ноҳамвор ва пурсанг баргарданд. Онҳо дилхунук шуда буданд, чунки пойҳояшон аз саёҳати дурудароз дардманд гашта буданд. Онҳо роҳи осонтареро ҷустуҷӯ карданд. Андаке пештар аз онҳо, дар тарафи чап сабзазори сералафе бо номи Сабзазори назди пайраҳа буд. Пайраҳаи аз байни сабзазор мегузаштаро, ки ба роҳ мувозӣ (параллелӣ) буд, дида, онҳо ба васвасаи бо он рафтан муқобилият карда натавонистанд.

**Сурат —саҳ.193**

**Боварии беҳуда.**

Ин пайраҳа барои пойҳои онҳо осон буд, ва онҳо бо камоли хушбахтӣ бо он мерафтанд, то даме ки бо марде вохӯрданд, ки Боварии беҳуда ном дошт. Вай ба онҳо гуфт, ки пайраҳа ба Шаҳри осмонӣ мебарад, бинобар ин онҳо аз пайи вай рафтанд. Аммо, мутаассифона, шаб фаро расид ва осмон торик шуд. Боварии беҳуда, ки пешопеш мерафт, роҳро гум карда, ба чоҳи чуқуре афтид ва реза-реза шуд.

**Сурат —саҳ.194**

**Дар тӯфон гумшудагон.**

Ду сайёҳ Боварии беҳударо ҷеғ заданд, аммо дар ҷавоб танҳо садои оҳу нола шунида шуд. Баъд борон ва раъду барқ сар шуд; рӯшноӣ ба таври даҳшатовар дурахшид ва об зуд баланд шуд. Онҳо роҳи калонро ҷустуҷӯ карданд, аммо роҳи бозгаштро ба он наёфтанд. Онҳо баъд фаҳмиданд, ки бо бероҳа рафтан осонтар аст назар ба баргаштан.

**Сурат —саҳ.195**

**Онҳо ба хоб мераванд.**

Дар охир онҳо ба паноҳгоҳи хурде омаданд ва то охири рӯз он ҷо нишастанд; онҳо монда шуда, хобашон бурд.

**Сурат —саҳ.196**

**Ноумедии Азимҷусса онҳоро асир мекунад.**

На он қадар дуртар аз ин ҷой Ќалъаи Шубҳа буд, ки ба Ноумедии Азимҷуссаи даҳшатовар тааллуқ дошт. Пагоҳии рӯзи дигар азимҷусса дар саҳроҳо болову поён қадам зада, чашмаш ба Масеҳӣ ва Умедвор афтид, ки дар замини вай хобида буданд. Вай онҳоро бо овози ғазаболуд ва дағал бедор кард.

**Сурат —саҳ.197**

**Азимҷусса онҳоро ба сӯи Ќалъаи Шубҳа меронад.**

Вақте вай аз онҳо пурсид, ки дар замини вай чӣ кор мекунанд, онҳо ҷавоб доданд, ки сайёҳони роҳгумзада мебошанд. Баъд Ноумедии Азимҷусса онҳоро барои аз ҳудуд гузаштан ҳабс кард ва пешопеши худ ба сӯи Ќалъаи Шубҳа ронд.

**Сурат —саҳ.198**

**Вай онҳоро ба зиндон меандозад.**

Азимҷусса онҳоро ба зиндон андохт, ки дар он ҷо онҳо се шабонарӯз дар болои сангҳо, ҳавои бадбӯйро нафас кашида, хобиданд. Онҳо бе пораи хӯрок ва қатраи об гузошта шуда буданд. Умедеро барои озодшавӣ надида, онҳо ба маъюсӣ афтоданд.

**Сурат —саҳ.199**

**Азимҷусса аз занаш маслиҳат меҷӯяд.**

Пас аз он ки Ноумедии Азимҷусса ба ҷойгоҳи хоб рафт, ба занаш Нобоварӣ гуфт, ки ду касро барои аз ҳудуд гузаштан ба ҳабс гирифта, ба зиндон андохт. Занаш маслиҳат дод, ки вай бояд онҳоро бераҳмона занад.

**Сурат —саҳ.200**

**Сайёҳонро бераҳмона мезананд.**

Пагоҳӣ Ноумедии Азимҷусса ба зиндон фаромад ва сайёҳонро чунон бераҳмона зад, ки онҳо ба худ ёрӣ додан ё

дар фарш тоб хӯрдан наметавонистанд. Аммо онҳо ба азобу шиканҷа бе сухане тоқат карданд.

**Сурат —саҳ.201**

**Нобоварӣ мегӯяд: “ Ба онҳо фармон деҳ, ки худро нобуд кунанд”.**

Шаби оянда, бо шунидани он ки зиндониён ҳанӯз зиндаанд, Нобоварӣ ба шавҳараш маслиҳат дод, то фармояд, ки онҳо худро нобуд кунанд. Инак, Ноумедии Азимҷусса боз ба назди онҳо рафт. Вай бо овози дағалона ба онҳо гуфт, ки онҳо, эҳтимол, ҳеҷ гоҳ зинда берун намебароянд ва беҳтараш онҳо худро кушанд.

**Сурат —саҳ.202**

**Масеҳӣ ва Умедвор ҳамдигарро тасалло медиҳанд.**

Аммо Масеҳӣ ва Умедвор кӯшиданд, то ҳамдигарро тасалло диҳанд, ва ҳамин тавр як рӯзи дигари вазъияти риққатовари онҳо давом кард.

Нобоварӣ ба шавҳараш боз маслиҳат дод, ки онҳоро ба ҳавлии қалъа бурда, устухонҳо ва косахонаҳои сари касони аллакай барои аз ҳудуд гузаштан кушташударо нишон диҳад.

**Сурат —саҳ.203**

**Сайёҳон косахонаҳои сарро мебинанд.**

Ҳарчанд сайёҳон аз дидани ин манзараи ҳавлнок ба даҳшат омада буданд, онҳо ҳанӯз ҳам куштани худро рад мекарданд, бинобар ин Ноумедии Азимҷусса онҳоро боз ба зиндон партофт ва аз нав бо занаш маслиҳат кард. “Ман метарсам,”– гуфт занаш, –“ки онҳо асбоби қуфлкушоӣ доранд, ва умед доранд ба воситаи он наҷот ёбанд”.

“Пагоҳӣ ман онҳоро кофтуков мекунам”,– гуфт азимҷусса.

**Сурат —саҳ.204**

**Калиде ки Ваъда ном дорад.**

Чун боз дар зиндон буданд, нохост Масеҳӣ нидо кард: “Ман ҳозир ба ёд овардам, ки калиде бо номи Ваъда дорам! Ман боварӣ дорам, ки он ҳама гуна қуфлро дар қалъаи Шубҳа мекушояд”.

“Онро берун барор ва кӯшиш карда бин”,– гуфт Умедвор.

**Сурат —саҳ.205**

**Масеҳӣ калиди худро ба кор мебарад.**

Вақте ки Масеҳӣ калидашро ба дари зиндон андохта дид, он бо осонӣ кушода шуд, ва Умедвору Масеҳӣ ҳар ду гурехтанд. Кушодани дарвозаи оҳанин, ба ҳар ҳол, ниҳоят душвор буд. Вақте ки ниҳоят он кушода шуд, чунон садое баровард, ки Ноумедии Азимҷуссаро бедор кард.

**Сурат —саҳ.206**

**Азимҷусса таъқиб карда наметавонад — сайёҳон халос мешаванд.**

Ҳамин ки азимҷусса ҷаҳид, пойҳояш лағжиданд ва вай дар қаҳр ба замин афтид, бинобар ин вай натавонист онҳоро таъқиб кунад. Ду сайёҳ халос шуданд ва ба роҳи калони Подшоҳ омаданд, ки дар он ҷо боз дар бехатарӣ буданд.

**Сурат —саҳ.207**

**Онҳо сутун мегузоранд.**

Вақте ки Масеҳӣ ва Умедвор ба паси гузаргоҳ бозгаштанд, онҳо ҳис карданд, ки бояд чизе кунанд, то ба дасти Ноумедии Азимҷусса афтидани сайёҳони дигарро пешгирӣ намоянд. Онҳо қарор доданд сутуне гузоранд ва дар он огоҳӣ навиштанд: “Дар паси ин гузаргоҳ роҳест ба сӯи Ќасри Шубҳа, ки ба Ноумедии Азимҷусса тааллуқ дорад. Вай Подшоҳи Кишвари Осмониро бад мебинад, ва кӯшиш мекунад, ки сайёҳони муқаддаси Ӯро нобуд кунад”.

**Сурат —саҳ.208**

**Меваҳо ва гулҳо дар Кӯҳҳои Ҳаловатбахш.**

Ду сайёҳ саёҳати худро давом доданд, то даме ки ба Кӯҳҳои Ҳаловатбахш расиданд, ки ба Худованди Ќасри Зебо тааллуқ дошт. Дар ин ҷо онҳо оромона сайругашт карда, боғҳои зеборо тамошо мекарданд ва меваҳои болаззатро мечашиданд.

**Сурат —саҳ.209**

**Онҳо чор чӯпонро вомехӯранд.**

Дар болои кӯҳҳо чӯпонон рамаҳои худро мечаронданд. Онҳо Дониш, Таҷриба, Ҳушёр, ва Софдил буданд. Сайёҳон аз чӯпонон дар бораи кӯҳҳо пурсиданд ва дар бораи таҷрибаи онҳо сӯҳбат карданд. Аз дастони сайёҳон гирифта, чӯпонон онҳоро ба хаймаҳои худ бурданд. Дар он ҷо онҳо исрор намуданд, ки сайёҳон аз хӯрокҳои тайёркардаашон хӯранд ва муддате дар Кӯҳҳои Ҳалобатбахш монанд.

**Сурат —саҳ.210**

**Сайёҳон кӯҳи Хаторо зиёрат мекунанд.**

Пагоҳӣ чор чӯпон сайёҳонро даъват карданд, то бо онҳо дар кӯҳҳо сайр кунанд. Пас аз он ки онҳо андаке сайр карда, аз манзараҳои зебо ҳаловат бурданд, ба қуллаи теппае расиданд, ки Хато ном дошт. Ба атроф нигариста, онҳо устухонҳои одамонро диданд, ки аз ҷарии тарафи дури кӯҳ афтида, пора-пора шуда буданд.

“Ин чӣ маъно дорад?”– пурсид Масеҳӣ.

Чӯпонон ҷавоб доданд: “Ин устухонҳои онҳоест, ки аз ҳақиқат рӯ гардондаанд, ва ҳамин тавр, аз ҷарӣ ғалтида мурдаанд”.

**Сурат —саҳ.211**

**Манзара аз кӯҳи Эҳтиёт.**

Баъд чӯпонон ба қуллаи кӯҳи Эҳтиёт баромаданд. Аз он ҷо онҳо метавонистанд дар дурӣ одамонеро бинанд, ки дар байни қабрҳо саргардон шуда мегаштанд.

“Ин чӣ маъно дорад?”– пурсид Масеҳӣ.

“Оё дар поёнтари кӯҳҳо гузаргоҳеро надидӣ, ки ба алафзори ҳамҳудуд мебарад? Он гузаргоҳ ба Ќалъаи Шубҳа

аст. Одамоне ки мебинӣ, ба саёҳат баромада буданд, аммо азбаски роҳи калон ноҳамвор буд, онҳо ба алафзор рафтанд ва Ноумедии Азимҷусса онҳоро дастгир кард. Вай чашмони онҳоро кӯр кард ва аз байни қабрҳо равона кард, ки он ҷо онҳо ҳанӯз ҳам саргардон шуда гаштаанд.

**Сурат —саҳ.212**

**Ашкҳои ёдоварӣ.**

Масеҳӣ ва Умедвор бо чашмони ашколуд ба ҳамдигар нигаристанд, аммо чизе нагуфтанд.

**Сурат —саҳ.213**

**Роҳ ба Дӯзах.**

Баъд ман дидам, ки чӯпонон онҳоро ба назди даре дар поёни теппа бурданд. Онҳо дарро кушода, сайёҳонро даъват карданд, ки ба дарун нигоҳ кунанд. Сайёҳон дар он ҷо чуқурии торикеро диданд, ки аз он абрҳои даврзананда ва садои оташ мебаромад. Онҳо бӯйи сулфурро (олтингӯгирд) ҳис карданд ва фарёдҳои азобкашандагонро шуниданд.

“Ин чист?”– пурсид Масеҳӣ.

“Ин дари дурӯягӣ, роҳ ба Дӯзах аст”,– ҷавоб доданд чӯпонон.

**Сурат —саҳ.214**

**Сайёҳон бо дурбин нигоҳ мекунанд.**

Ин вақт сайёҳон хостанд раванд, бинобар ин чӯпонон ҳамроҳи онҳо то қаторкӯҳе расиданд, ки Равшан (возеҳ) ном дошт. Ин ҷо чӯпонон гуфтанд: “Биёед ба онҳо дарвозаҳои Шаҳри Осмониро ба воситаи дурбин нишон диҳем”. Аммо вақте ки сайёҳон нигоҳ кардани шуданд, дастонашон ларзиданд, бинобар ин онҳо возеҳу равшан дида натавонистанд. Ба ҳар ҳол, онҳо фикр карданд, ки дарвозаҳоро ва инчунин қисме аз шарафи он маконро диданд.

**Сурат —саҳ.215**

**Маслиҳати хайрбодии чӯпонон.**

Вақти хайрухуш яке аз чӯпонон ба онҳо харитаи роҳро дод; дигаре маслиҳат дод, ки аз Хушомадгӯй эҳтиёт бошанд; сеюмӣ огоҳ кард, ки дар Замини Ҷодушуда нахобанд; чорумӣ ба онҳо "Худо ёратон бод!" гуфт.

**Сурат —саҳ.216**

**Беэътиноӣ**

Баъд ман ҳамон ду сайёҳро дидам, ки аз кӯҳистон мефаромаданд. Дар поёни кӯҳҳо, дар тарафи чап, кишвари Худписандӣ воқеъ аст, ки аз он пайраҳаи каҷе омада, ба роҳи калон пайваст мешавад. Он ҷо онҳо бо Беэътиноӣ, писарбачаи зиндадиле вохӯрданд, ки аз он кишвар меомад. Вай воқеан ҳам ҳақиқатро ба эътибор намегирифт, аммо хеле худписанд буд ва боварӣ дошт, ки ҳама чизро медонад. Масеҳӣ ва Умедвор беҳуда кӯшиш карданд, ки вайро бовар кунонанд. Аммо бо вуҷуди ин вай аз пайи онҳо рафтанро давом дод.

**Сурат —саҳ.217**

**Ҷаноби Рӯйгардонӣ.**

Пас аз чанде ду сайёҳ ба пайраҳаи хеле торик дохил шуданд. Ин ҷо онҳо мардеро диданд, ки вайро ҳафт дев бо ҳафт банди мустаҳкам баста буданд ва ба тарафи даре мебурданд, ки ба чуқурӣ кушода мешуд. Вай ҷаноби Рӯйгардонӣ буд, ки дар шаҳри Хиёнат (маслакфурӯшӣ) зиндагӣ мекард. Акнун Масеҳӣ ва Умедвори хуб ба ларза даромаданд.

**Сурат —саҳ.218**

**Се қаллобии қавӣ ба Имони Хурд ҳуҷум меоваранд.**

Масеҳӣ дар бораи Имони Хурд нақл мекунад, ки се қаллобӣ ба вай ҳуҷум мекарданд: Нобоварӣ, Буздилӣ ва Айбдорӣ. Файзи бузург аз шаҳри Боварии Хуб ин се дуздро тарсонд.

**Сурат —саҳ.219**

**Марде бо либоси сафед.**

Ҳамин тавр, онҳо равона шуданд ва Беэътиноӣ аз пайи онҳо мерафт, то даме онҳо ба ҷое расиданд, ки роҳ ду тақсим мешуд. Ду сайёҳ дудила шуданд, ки бо кадом роҳ раванд. Чун онҳо дудила мешуданд, марде бо либоси сафед ба назди онҳо омад ва пурсид, ки чаро дар ин ҷо истодаанд.

**Сурат —саҳ.220**

**“Аз пайи ман оед” – гуфт мард.**

Вақте ки онҳо сабабашро ба вай гуфтанд, вай гуфт: “Аз пайи ман оед. Ман ҳам ба Шаҳри Осмонӣ рафта истодаам”.

**Сурат —саҳ.221**

**Вай онҳоро аз роҳ берун мебарад.**

Ҳамин тавр, онҳо аз пайи вай рафтанд. Аммо роҳе ки вай интихоб кард, давр гашт ва тоб хӯрд, ва ҳамин тавр, дере нагузашта рӯи онҳо аз Шаҳри Осмонӣ ба  тарафе гашт.

**Сурат —саҳ.222**

**Ба тӯр гирифтор шудан.**

Пеш аз он ки хабардор шаванд, вай онҳоро ба тӯре бурд. Онҳо дар он чунон печиданд, ки чӣ кор карданашонро надонистанд. Дар айни замон либоси сафеди вай афтид, ва онҳо фаҳмиданд, ки фиреб хӯрдаанд. Аммо онҳо аз тӯр берун омадан натавонистанд, бинобар ин дар он ҷо муддати зиёде фарёдкунон монданд. Баъд Масеҳӣ гуфт: “Оё чӯпон дар бораи Хушомадгӯй огоҳ накарда буд? Мо ҳақиқат будани суханони марди оқилро исбот кардем: “Шахсе ки ба ёри худ тамаллуқ гӯяд, ба пойҳои вай дом мениҳад” (Масалҳо 29:5).

**Сурат —саҳ.223**

**Шахси Дурахшанда бо қамчин.**

Пас аз муддати зиёде онҳо Марди Дурахшандаро диданд, ки ба назди онҳо меомад ва дар даст қамчине аз

ресмонҳои хурд дошт. Вай тӯрро пора кард ва онҳоро берун овард. Баъд вай гуфт: “Он марде ки шумо аз пояш рафтед, Хушомадгӯй буд, пайғамбари бардурӯғ, ки шакли фариштаи нурро гирифтааст“ (2 Ќӯринтиён 11:13,14) .

**Сурат —саҳ.224**

**Вай онҳоро сахт қамчинкорӣ мекунад.**

Баъд шахси дурахшанда ба онҳо фармуд, ки дароз кашанд, ва вай онҳоро сахт қамчинкорӣ кард, то таълим диҳад, ки дигар роҳгум нашаванд. Баъд вай гуфт: “Аз пайи ман оед, то ман шуморо боз ба роҳи равона созам”.

**Сурат —саҳ.225**

**Ҷаноби Атеист (Бехудо).**

Пас аз чанде онҳо дар дурӣ шахсеро диданд, ки қад-қади роҳи калон меомад, то бо онҳо вохӯрад. Номи вай Атеист буд, ва вай аз онҳо пурсид, ки ба куҷо рафта истодаанд. “Мо ба сӯи кӯҳи Сион рафта истодаем”,– ҷавоб дод Масеҳӣ.

**Сурат —саҳ.226**

**Вай имони онҳоро масхара мекунад.**

Атеист баланд  хандида, гуфт: “Ин гуна макone ки шумо орзу мекунед, дар ҷаҳон вуҷуд надорад”.

“Аммо дар олами оянда ҳаст”,– гуфт Масеҳӣ.

“Ман ин маконро бисёр ҷустуҷӯ кардам, аммо пайдо накардам”,– гуфт Атеист. –“Ҳоло ман ба сӯи он чизҳое баргашта истодаам, ки бо умеди он чи пайдо накардам, партофта будам”.

Аммо Масеҳӣ ва Умедвор фаҳмиданд, ки вайро худои ин замона нобино кардааст, ва аз вай рӯ гардонда, роҳи худро давом доданд.

**Сурат —саҳ.227**

**Дилгиркунанда ва хобовар — Замини ҷодушуда.**

Ҷои дигаре ки онҳо омаданд, Замини Ҷодушуда буд. Азбаски ҳаво вазнин буд, Умедвор хеле зиқ ва хоболуд шуд ва пешниҳод кард, ки хоб раванд. Аммо Масеҳӣ ба хотири вай овард, ки чӯпон огоҳ карда буд, то дар ин ҷо хоб нараванд, балки бедор ва ҳушёр бошанд. Бинобар ин, барои он ки хобашон набарад, онҳо дар бораи он чи Худо бо онҳо кардааст, сӯҳбат карданд.

**Сурат —саҳ.228**
**Беэътиноӣ аз пайи онҳо меояд.**

**Сурат —саҳ.229**
**Онҳо бо  Беэътиноӣ гуфтугӯ мекунанд.**

Масеҳӣ: Ин ҷо биё, бача. Чаро дар қафо меистӣ?

Беэътиноӣ: Ман танҳо сайр карданро беҳтар меҳисобам.

Масеҳӣ: Муносибат байни Худо ва ҷони ту чӣ гуна аст?

Беэътиноӣ: Ман фикрҳои хуб, дили хуб ва ҳаёти хубе мувофиқи аҳкоми (фармудаҳои)  Худо дорам.

**Сурат —саҳ.230**
**“Каломи Худо мегӯяд…”**

Масеҳӣ: “Каломи Худо мегӯяд, ки “Касе одил нест, як нафар ҳам нест” (Румиён 3:10). Номи ту  Беэътиноӣ аст, чунки адолати Масеҳро ва натиҷаҳои имони наҷотдиҳандаро ба эътибор намегирӣ.

Бэътиноӣ: Ман ҳеҷ бовар нахоҳам кард, ки дили ман бад аст. Имони шумо аз они ман нест. Аммо аз они ман чун аз они шумо хуб аст.

**Сурат —саҳ.231**
**“Ман бо ту ҳамқадам буда наметавонам”.**

Масеҳӣ: Касе наметавонад Исои Масеҳро бидонад, магар ин ки ба воситаи ваҳйи Худо Падар. Бедор шав, бечорагии худро бубин ва ба сӯи Худованд Исо бишитоб. Ба воситаи адолати Ӯ ту аз маҳкумияти худ халос хоҳӣ шуд.

Беэътиноӣ: Шумо хеле тез роҳ меравед. Ман наметавонам ҳамқадами шумо бошам. Ман бояд андаке дар қафо бимонам.

**Сурат —саҳ.232**

**Сайёҳон ба Кишвари Беула ворид мешаванд.**

Ин вақт сайёҳон аз Замини Ҷодушуда берун шуда, ба Кишвари Беула дохил шуданд, ки он ҷо ҳаво хеле тоза ва форам буд. Ин ҷо онҳо доимо чаҳ-чаҳи паррандагон мешуниданд ва гулҳои рӯидаро медиданд. Ин ҷо инчунин офтоб шабу рӯз нур меафканд.

**Сурат —саҳ.233**

**Онҳо дар наздикии манзараи шаҳр.**

Онҳо дарёфтанд, ки дар наздикии манзараи шаҳр мебошанд, ва бисёр Шахсони Дурахшандаро диданд, ки дар боғ сайр мекарданд. Ин ҷо онҳо ба чизе мӯҳтоҷ нашуданд, чунки ҳамаи он чи дар саёҳати худ ҷустуҷӯ мекарданд, ба фаровонӣ пайдо карданд.

**Сурат —саҳ.234**

**Манзараи шаҳр аз наздик.**

Ба шаҳр наздик рафта, онҳо диданд, ки он аз гавҳар ва сангҳои қиматбаҳо сохта шудааст ва кӯчаҳо аз тилло сангфарш карда шудаанд. Онҳо овозҳоро берун аз шаҳр шуниданд, ки чунин мегуфтанд: “Инак, наҷоти ту меояд; инак, мукофоти ӯ бо ӯст”.

**Сурат —саҳ.235**

**“Боғҳои кӣ?”**

Чун онҳо наздиктар омаданд, боғҳои дарахтони мевадор ва токзорҳоро диданд. “Инҳо боғҳои кӣ

мебошанд?”– пурсиданд сайёҳон аз боғбоне ки дар роҳ истода буд.

Вай ҷавоб дод: “Онҳо ба Подшоҳ тааллуқ доранд ва барои фароҳмандии Ӯ ва ҳаловати сайёҳон барпо карда шудаанд”.

**Сурат —саҳ.236**
**Сайёҳон хоб мераванд.**

Баъд боғбон бо камоли майл онҳоро ба токзор бурд ва пешниҳод кард, ки аз меваҳо лаззат баранд. Вай инчунин кӯчабоғҳо ва айвончаҳои Подшоҳро нишон дод, ки Ӯ дар он ҷо буданро дӯст медошт. Онҳо он ҷо монданд ва хоб рафтанд.

**Сурат —саҳ.237**
**Шукӯҳмандии шаҳр.**

Баъд ман дидам, ки вақте онҳо бедор шуданд, саёҳати худро боз давом доданд. Аммо нурафкании офтоб бар болои шаҳри аз тиллои холис сохташуда чунон пуршукӯҳ буд, ки сайёҳон ба он бо рӯи кушода нигоҳ карда натавонистанд.

**Сурат —саҳ.238**
**Ду мард бо либосҳои дурахшон.**

Ҳамин ки онҳо равона шуданд, ду мард ба онҳо вохӯрданд. Онҳо дар бар либосҳое доштанд, ки мисли тилло медурахшид, ва рӯйҳояшон монанди рӯшноӣ нур мепошид. Ин шахсон аз сайёҳон пурсиданд, ки аз куҷо омадаанд. Вақте онҳо ҷавоб доданд, вайҳо гуфтанд: “Шумо боз бояд бо ду душвориӣ дучор шавед, ва баъд шумо дар шаҳр хоҳед буд”. Ду мард ба сайёҳон то дами намудор шудани дарвоза ҳамроҳӣ карданд.

**Сурат —саҳ.239**
**Онҳо ба об мефароянд:**

Байни сайёҳон ва дарвоза дарё буд. Он ҷо кӯпруке набуд, ки аз он гузаранд, ва об бисёр чуқур буд. Сайёҳон аз манзара ба ҳайрат афтоданд, аммо шахсоне ки ҳамроҳашон рафта буданд, гуфтанд: ”Шумо бояд аз байни об гузаред, вагарна ба дарвоза даромада наметавонед”. Ба суханони ин шахсон итоат карда, Масеҳӣ ва Умедвор бо тарсу ларз ба об даромаданд.

**Сурат —саҳ.240**

**Масеҳӣ ба ғарқшавӣ сар мекунад.**

Чун онҳо ҳис карданд, ки об онҳоро фаро гирифт, Масеҳӣ ба ғарқшавӣ сар кард ва ба рафиқаш фарёд кард: “Ман дар обҳои чуқур ғарқ мешавам; Мавҷҳо аз болои сарам мегузаранд!”

**Сурат —саҳ.241**

**Умедвор Масеҳиро рӯҳбаланд мекунад.**

Умедвор гуфт: “Табъатро хуш дор, бародар. Ман заминро ҳис мекунам”.

Аммо Масеҳӣ ҷавоб дод: “Оҳ, дӯстам, ғамҳои марг маро фаро гирифтаанд. Ман заминеро, ки ширу асал ҷорӣ мешавад, нахоҳам дид”. Баъд даҳшати торикии азим вайро фаро гирифт.

**Сурат —саҳ.242**

**Масеҳӣ аз тарс беҳол мешавад.**

Дили Масеҳӣ аз тарс беҳол шуд, ки вайро дарё мебарад ва вай ҳеҷ гоҳ Шаҳри Осмониро намебинад, ва вай дигар натавонист на файзу осоиштагиро ба ёд оварад, на дар бораи онҳо гап занад.

**Сурат —саҳ.243**

**Онҳо сиҳату саломат ба тарафи дигар мегузаранд.**

Муддате Умедвор тамоми қувваташро ба кор бурд, то сари бародари худро аз об боло нигоҳ дорад. Масеҳӣ Масеҳӣ худро осуда ҳис накард, то даме ки суханони Умедворро шунид: “Исои Масеҳ туро комил мекунад!”

Баъд онҳо ҳар ду ҷасорат пайдо карданд, вақте пеш рафтанд ва дар зери пойҳояшон заминро ҳис карданд. Дар тарафи дигар онҳо ду Шахси Дурахшандаро диданд, ки интизори онҳо буданд. Онҳо ба сайёҳон шодбош гуфта, чунин иброз доштанд: “Мо рӯҳҳои ёридиҳанда мебошем, ки Худованд барои мадад фиристодааст”.

**Сурат —саҳ.244**

**Шаҳри Осмонӣ дар пеш; либосу аслиҳаи ҷангӣ дар ақиб тарк карда шуданд.**

Акнун ман дар хоб дидам, ки Шаҳри Осмонӣ дар болои теппа истодааст. Сайёҳон ба болои теппа бо осонӣ баромаданд, чунки он ду Шахси Дурахшанда роҳнамояшон буданд.

**Сурат —саҳ.245**

**Анбӯҳи (фариштаҳо) осмонӣ онҳоро пешвоз мегиранд.**

Чун онҳо ба дарвоза наздик шуданд, инак, гурӯҳе аз фариштагони осмонӣ берун омаданд, то онҳоро пешвоз гиранд. Шахсони Дурахшанда ба ин гурӯҳ гуфтанд: “Инҳо одамоне ҳастанд, ки ҳангоми дар ҷаҳон буданашон Худованди моро дӯст дошта, ҳама чизро ба хотири номи муқаддаси Ӯ тарк карда буданд.

**Сурат —саҳ.246**

**Шайпурнавозони Подшоҳ.**

Ин вақт ҳамчунин якчанд шайпурнавозони Подшоҳ ба пешвози онҳо омаданд, ки аз мусиқии хушнавои онҳо осмон акси садо медод. Ин шайпурнавозон Масеҳӣ ва шарикашро бо даҳ ҳазор “Хуш омадед!” гуфтан шодбош гуфтанд. Ҳамин тавр сайёҳон ба назди дар омаданд.

**Сурат —саҳ.247**

**Ҳанӯх, Мусо ва Илёс**

Баъд ман дидам, ки Шахсони Дурахшанда ба онҳо пешниҳод намуданд, ки аз назди дарвоза ҷеғ зананд, ва ҳангоме ки онҳо ҳамин тавр карданд, Ҳанӯх, Мусо ва Илёс аз болои девор нигоҳ карданд. Ба онҳо гуфтанд: “Ин сайёҳон барои муҳаббате ки ба Подшоҳ доранд, ба ин ҷо сафар кардаанд”.

**Сурат —саҳ.248**

**Онҳо шаҳодатномаҳояшонро месупоранд.**

Сайёҳон шаҳодатномаҳояшонро, ки дар назди дарвозаи танг ба онҳо дода шуда буд, супориданд. Онҳоро ба назди Подшоҳ бурданд. Вақте ки Ӯ онҳоро хонд, Ӯ гуфт: “Куҷоянд ин одамон?”

“Онҳо дар паси дарвоза истодаанд”,– гуфтанд ба Ӯ.

Баъд Подшоҳ фармон дод, ки дарвозаро кушоянд ва онҳоро дарун дароранд.

**Сурат —саҳ.249**

**Ба онҳо арфаҳо (асбоби мусиқӣ) ва тоҷҳо дода мешавад.**

Акнун ман дар хобам дидам, ки Масеҳӣ ва Умедвор аз дарвоза даромаданд. Ва инак, ҳамин ки онҳо даромаданд, шаклан дигар шуданд, ва ба онҳо либосе пӯшонида шуд, ки чун тилло медурахшид. Ба онҳо инчунин арфаҳо ва тоҷҳо дода шуд. Ман шунидам, ки тамоми зангӯлаҳои шаҳр аз хурсандӣ садо медоданд, ва ба онҳо гуфтанд: “Ба шодмонии Худовандатон ворид шавед”. Ман инчунин шунидам, ки худи мардҳо (сайёҳон) бо овози баланд мехонданд: “Нишинандаи тахт ва Барраро баракат ва шавкат ва ҷалол ва салтанат бод то абад” (Ваҳй 5:13).

**Сурат —саҳ.250**

**Беэътиноиро  бо қаиқ аз дарё мегузаронанд.**

Ман ба қафо нигаристам ва Беэътиноиро дидам, ки ба тарафи дарё меомад. Вай бо андаке душворӣ аз дарё гузашт, чунки Умеди беҳуда, қаиқрон, вайро бо қаиқаш аз дарё гузаронд.

**Сурат —саҳ.251**

**Беэътиноӣ ба теппа мебарояд.**

Беэътиноӣ ҳамчунин ба теппа баромад ва ба назди дарвоза омад, аммо вай танҳо омад, ягон кас вайро пешвоз нагирифт.

**Сурат —саҳ.252**

**Вай шаҳодатнома надорад.**

Вақте ки Беэътиноӣ дарвозаро тақ-тақ кард, касе аз болои девор нигоҳ карда, гуфт: “Ту аз куҷо омадӣ? Чӣ мехоҳӣ?”

Вай ҷавоб дод: “Ман дар ҳузури Подшоҳ хӯрдаам ва нӯшидаам, ва Ӯ дар кӯчаҳои мо сухан рондааст”. Баъд онҳо аз вай шаҳодатномаашро талаб карданд. Вай ба бағалаш як даст андохт, аммо чизе пайдо накард.

**Сурат —саҳ.253**

**Шахсони Дурахшанда бо Подшоҳ гап мезананд.**

Ҳамин тавр, фариштагон ба назди Подшоҳ рафтанд ва гуфтанд, ки Беэътиноӣ омадааст. Аммо Подшоҳ гуфт: “Ӯро дастгир кунед ва дасту пояшро баста, берун партоед”.

**Сурат —саҳ.254**

**Беэътиноиро баста, мепартоянд.**

Онҳо вайро даст гирифтанд ва ба ҳаво бардошта, ба даре, ки дар як тарафи теппа буд, бурданд ва ба дарун партофтанд. Баъд ман дидам, ки ҳатто дар назди дарвозаи Осмон роҳе ба дӯзах ҳаст.

Ҳамин тавр, ман бедор шудам, ва инак, ин хоб буд.

## Ҷон Банян

Маҷози абадии Ҷон Банян оид ба ҳаёти масеҳӣ ба воситаи ин нашрияи суратдори бемомонанд арзи вуҷуд намуд. Акнун хонандагони синну солашон гуногун метавонанд аз ин ҳикоя дар бораи саёҳати олиҷаноби Масеҳӣ ба Шаҳри Осмонӣ ҳаловат бурда, онро аз рӯи қадру қиматаш баҳо диҳад.

Муваффақияти мусофир ҳикояест, ки ҳар кадоми мо метавонад худро ба он шабоҳат дода, чизе аз он биомӯзад, вақте моро лозим ояд, ки ба малакути осмонӣ сафари шахсӣ намоем.